ИНСТИТУТИ «ҶАМЪИЯТИ КУШОДА»
БУНЁДИ МАДАД - ТОҶИКИСТОН

JAHON

# ВАСОИТИ МЕТОДӢ БАРОИ ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

## Мониторинг ва баҳодиҳии ҷараёни маблағгузории пешгирӣ ва мубориза бар зидди COVID-19 дар Тоҷикистон

ДУШАНБЕ – 2020

ИНСТИТУТИ «ҶАМЪИЯТИ КУШОДА»
БУНЁДИ МАДАД - ТОҶИКИСТОН

JAHON

# ВАСОИТИ МЕТОДӢ
# БАРОИ ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

## Мониторинг ва баҳодиҳии чараёни маблағгузории пешгирӣ ва мубориза бар зидди COVID-19 дар Тоҷикистон

ДУШАНБЕ – 2020

***Муаллиф:*** *Ҷумаев У.М.*

**Мониторинг ва баҳодиҳии чараёни маблағгузории пешгирӣ ва мубориза бар зиддӣ COVID-19 дар Тоҷикистон:** *васоити методӣ барои ташкилотҳои ҷамъиятӣ – Душанбе. 50 саҳ.*

Васоити методӣ масъалаҳои назариявию амалӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил ва иҷроиши ҷараёни мониторинг ва баҳодиҳии маблағгузории барномаю лоиҳаҳои давлатӣ дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории COVID-19-ро дар бар мегирад. Маводи мазкур ҳамчун асоси методӣ баҳри ҷалби намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муҳақиққон ва коршиносон барои ҳамкорӣ бо бахши давлатӣ, хусусӣ ва ташкилотҳои хориҷӣ дар самти арзёбии пешгирӣ ва мубориза бар зидди коронавирус ва коркарди нақшаи амал баҳри баланд бардоштани самаранокии барномаҳои мазкур хизмат менамояд.

Васоити таълимӣ барои ташкилотҳои ҷамъиятӣ, таҳлилгарон, мутахассисон ва ҷонибҳои манфиатдор, ки дар соҳаи арзёбии самаранокии иҷроиши барномаю лоиҳаҳои маблағгузорӣ машғуланд, пешбинӣ гардидааст.

# МУНДАРИҶА

| | |
|---|---|
| **ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО** | 4 |
| **ПЕШГУФТОР** | 5 |
| **САРСУХАН** | 6 |
| **БОБИ 1. МОҲИЯТ ВА ПРИНСИПҲОИ МОНИТОРИНГ ВА БАҲОДИҲӢ** | 7 |
| 1.1 Моҳият ва нақши мониторинг ва баҳодиҳӣ дар пешгирӣ ва мубориза бо бемории коронавирус | 7 |
| 1.2 Мақсад, унсурҳо ва принсипҳои асосии мониторинг ва баҳодиҳӣ | 10 |
| 1.3 Талаботи асосии ташкил ва баргузории мониторинг ва баҳодиҳии барномаю лоиҳаҳо | 13 |
| **БОБИ 2. МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ МОНИТОРИНГ ВА БАҲОДИҲӢ** | 20 |
| 2.1 Банақшагирии раванди мониторинг ва баҳодиҳӣ | 20 |
| 2.2 Интихоби усулҳои ҷамъоварии иттилоот | 23 |
| 2.3 Интихоби усулҳои  коркард ва таҳлили иттилоот | 27 |
| 2.4 Муайянкунии сарчашмаҳои иттилоот ва баҳодиҳии дараҷаи дастрасии онҳо | 33 |
| 2.5 Ташкил ва баргузории мониторинг ва баҳодиҳии барномаю лоиҳаҳо ва омодасозии ҳисобот | 38 |
| 2.6 Аудити иҷтимоӣ ҳамчун воситаи ҷалби аҳолӣ ба мониторинги барномаҳои давлатӣ | 44 |
| **САРЧАШМАҲОИ ИТТИЛООТӢ** | 49 |

## ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРҲО

| | |
|---|---|
| МваБ | Мониторинг ва баҳодиҳӣ |
| ИШБМ | Индекси шаффофияти буҷети маҳаллӣ |
| ИШБ | Индекси шаффофияти буҷет |
| ИҶК БМ | Институти «Ҷамъияти Кушода» - Бунёди Мадад дар Тоҷикистон |
| ҲББ | Ҳамкории байналмилалии буҷетӣ |
| ХБА | Хазинаи байналмилалии асъор |
| ТҶ | Ташкилотҳои ҷамъиятӣ |
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |

# ПЕШГУФТОР

***Хонандагони гиромӣ!***

Васоити методии “*Мониторинг ва баҳодиҳии чараёни маблаггузорӣи пешгирӣ ва мубориза бар зидди Covid-19 дар Тоҷикистон*” барои намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, таҳлилигарон ва коршиносони самтҳои мухталифи фаъолият пешбинӣ гардидааст. Омӯзиши васоити таълимии мазкур донишҳои махсуси илмӣ дар самтҳои идоракунииии лоиҳа, таҳлили аналитикӣ ва молиявиро инкишоф менамояд. Васоити методӣ бо забони оммафаҳм ва дастрас, барои шахсоне, ки дар самти мониторинг ва баҳодиҳии барномаю лоиҳаҳои маблағгузорӣ, қадамҳои нахустин гузошта истодаанд, навишта шудааст. Васоити мазкур барои коршиносони соҳавӣ ҳамчунин муфид хоҳад гашт, зеро, ки иттилооти муккамал оид ба талаботҳои асосии ташкил ва баргузории мониторинг ва баҳодоҳии иҷроиши барномаю лоиҳаҳоро дар бар мегирад.

Васоити методии мазкур нашри нав буда, доир ба се боби асосӣ матни назариявию амалӣ ва сарчашмаҳои иттилоотиро фаро мегирад.

Маводе, ки дар ҳар як боб пешниҳод гардидааст, хислати таҳлиливу эҷодӣ дорад ва ба тадбиқи донишу малака бахри ҳалли масъалаҳои мушаххас, такмили малакаи амалии назорати иҷроиши самаранокии лоиҳаҳо ва қабули қарорҳои дахлдор равона гардидааст.

*Дар боби аввали* васоити методӣ моҳият, ҳадаф, марҳилаҳо, шаклҳо ва принсипҳои мониторинг ва баҳодиҳӣ баррасӣ гардидаанд.

*Боби дуюм* ба марҳилаҳои асосии мониторинг ва баҳодиҳӣ бахшида шудааст. Масаъалаҳои асосии банақшагирии раванди мониторинг, муайякунии нишондиҳандаҳои баҳодиҳии барнома, моҳият ва мундариҷаи усулҳои ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилоот ва ҷустуҷӯи сарчашмаҳои иттилоот баррасӣ карда шудаанд. Аҳамияти махсус ба қадамҳои мушаххаси баргузории мониторинг ва баҳодиҳии барнома ва омодакунии ҳисоботи ниҳоӣ гузошта шудааст.

Боварӣ ва итминони комил дорам, ки васоити методии мазкур дар омӯзиши ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва ба даст овардани малакаи амалии банақшагирӣ ва гузаронидани мониторинг ва баҳодиҳии барномаю лоиҳаҳо ба Шумо кӯмак хоҳад расонид.

***Аз муаллиф***

# САРСУХАН

Паҳншавии бемории глобалии COVID-19 дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои маблағгузории маҳдуди соҳаи хизматрасонии тиб мебошанд, пурзӯр намудани низоми мониторинг ва баҳодиҳии барномаҳои пешгирӣ ва муборизаи бемориҳои сироятиро тақозо менамояд. Зарурати таҳия ва тадбиқи низоми мониторинг ва баҳодиҳӣ дар ҷалби аҳолӣ ба раванди назорати рафти иҷроиши барномаҳои давлатӣ дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди пандемия ва арзёбии натиҷагирии истифодаи маблағҳои он дида мешавад. Ҳамин тариқ мониторинг ва баҳодиҳӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи сикли идораи молияи давлатӣ буда ба баланд бардоштани самараи иҷроиши барномаҳои давлатӣ ва чун натиҷа – пешниҳоди хизматрасониҳои пурсифат ба аҳолӣ, хизмат менамояд. Аз инҷо бар меояд, ки мониторинг ва баҳодиҳӣ ҳамчун воситаи самараноки омӯзиш ва таҳлили равандҳои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ баромад намуда дар инкишофи шаффофияти низоми идораи давлатӣ ва маҳаллӣ нақши бузург дорад.

Васоити таълимии «Мониторинг ва баҳодиҳии чораёни маблағгузории пешгирӣ ва мубориза бар зидди COVID-19 дар Тоҷикистон» ба сайқал додани донишҳои назариявию амалӣ оид ба ташкил ва баргузории мониторинг ва баҳодиҳӣ, истифодаи усулҳои ҷамъ, коркард ва таҳлили маълумот оид ба натиҷагирии ичроиши барномаҳою лоиҳаҳои давлатӣ равона шудааст. Диққати махсус ба истифодаи натиҷаи мониторинг ва баҳодиҳӣ баҳри таҳияи нақшаи амал барои иштироки созмонҳои ҷамъиятӣ дар раванди қабули қарорҳои идоракунӣ гузошта шудааст.

Мақсади асосии васоити мазкур – шиносоӣ бо усулҳои асосии банақшагирӣ, ташкил ва баргузории мониторинг ва баҳодиҳии маблағгузории барномаҳои соҳаи тандурустӣ, ки ба пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории COVID-19 равона шудаанд, ба ҳисоб меравад.

Барои расидан ба мақсад, иҷроиши чунин вазифаҳо дар васоит пешбинӣ шудааст:

- шиносоӣ бо моҳияти мониторинг ва баҳодиҳӣ, ва дарки зарурияти он дар пешгирӣ ва мубориза бо бемории коронавирус;
- шиносоӣ бо унсурҳои ва принсипҳои асосии мониторинг ва баҳодиҳии натиҷаҳои марҳилавӣ ва самараи ниҳоии барномаҳою лоиҳаҳои давлатӣ;
- дарки методологияи ташкил ва гузаронидани мониторинг ва баҳодиҳӣ;
- ташаккули малакаҳои зарурӣ оид ба таҳияи нақшаи амал барои таъсиррасонӣ ба натиҷагирии барномаҳои давлатӣ;
- инкишофи малакаи касбӣ ва салоҳиятнокии зарурӣ дар самти мониторинг ва баҳодиҳии барномаҳои давлатӣ.

Васоити мазкур – натиҷаи силсилаи тренингҳо барои таҳлилгарони ҷавон, ки дар доираи Барномаи "Дастгирии идораи молияи давлатӣ" аз ҷониби ташкилоти байналмилалии Институти Ҷомеаи Кушода Бунёди Мадад дар Тоҷикистон амалӣ мешавад, ба ҳисоб меравад.

Дар васоити мазкур таҷрибаи байналмилалӣ дар самти ташкил ва иҷроишҳи мониторинг ва баҳодиҳии барномаҳои гуногун ҷамъ оварда шудааст.

Умедворем, ки васоити методии «Мониторинг ва баҳодиҳии чораёни маблағгузории пешгирӣ ва мубориза бар зидди COVID-19 дар Тоҷикистон»-ро бомуваффақият баҳри ҳалли проблемаҳои ҷомеа истифода хоҳед намуд.

# БОБИ 1. МОҲИЯТ ВА ПРИНСИПҲОИ МОНИТОРИНГ ВА БАҲОДИҲӢ

## 1.1. Моҳият ва нақши мониторинг ва баҳодиҳӣ дар пешгирӣ ва мубаризаи бемории коронавирус

*Нақши мониторинг ва баҳодиҳи дар пешгирӣ ва мубориза бо бемории коронавирус.*

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар давлатҳои дунё ба яке аз хатарҳои шадиди глобалии бемории сироятии COVID-19 дучор гардида, сиёсати мақсаднокро дар ҷодаи пешгирӣ ва мубориза бар зидди паҳншавии он амалӣ намуда истодааст. Ба туфайли саривақт тадбиқи чораҳои санитарию эпидемиологӣ ва марҳила ба марҳила гузариш ба маҳдудияти карантинӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбат ба давлатҳои ҳамсоя, тавонист авҷи бемориро нисбатан устувор паси сар намуда таъсири манфии пандемияро ба иқтисодиёти миллӣ коҳиш диҳад. Соҳаҳои авввалиндараҷаи иқтисодиёти миллӣ дар авҷи бемории коронавирус фаъолият карда шуғли аҳолӣ ва даромади миллиро таъмин менамуданд. Аммо бо вуҷуди ин пандемияи COVID-19 ба иқтисодиёти миллӣ ва махсусан ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ зарари калон расонида истодааст. Пандемия барои устуворӣ ва самаранокии фаъолияти низоми идораи давлатӣ ва маҳаллӣ имтиҳони воқеъӣ шуд.

Тибқи маълумоти Портали ягонаи миллӣ оид ба коронавирус (COVID-19) дар таърихи 12-уми декабри соли 2020 аз бемории мазкур ҳамагӣ 12666 нафар аҳолӣ сироятшуда, 12093 нафар шифо ёфтаанд, ки 95,4% сироятёфтагонро ташкил менамоянд. Дар як шабонарӯз 36 нафар аҳолӣ сироят шудаанд. Таҳлили шумораи сироятшудагон дар як шабонарӯз дар моҳҳои октябр-декабри соли 2020 аз устувории тамоюли ҳаррӯзаи сирятшудагон шаҳодат медиҳад. Шумораи миёнаи сироятшудагон дар як шабонарӯз, дар ин давра 38,7 нафар аҳолиро ташкил дод.[1] Албата устувор будани тамоюли ҳаррӯзаи сироятшудагон аз самараи сиёсати давлатӣ дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди COVID-19 шаҳодат медиҳад, вале набояд аз эътибор соқит кард, ки иҷроиши барномаю лоиҳаҳои мазкур бояд ҳамеша дар зери назорати қатъии Ҳукумат ва аҳолӣ қарор гирад.

Паҳншавии бемории COVID-19 таъсири манфии худро ба сектори воқеъии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунон расонида истодааст.

Масъалан, тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳашт моҳи соли 2020 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ҳамагӣ 2477,4 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба чунин давраи соли 2019 ба 0,7% паст аст. Аз ҷумла зарари молиявию иқтисодии калонро корхонаҳои саноати истихроҷ дидаанд, ки дар давраи зерин ба 42,5% ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти худро коҳиш намуданд. Вазъи умумии эпидемиологӣ дар ҶТ ва давлатҳои ҳамсоя, ки ба карантин, ва аз кор мондани барҳе аз корхонаҳои саноатӣ, корхонаҳои бахши сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, нақлиёти ҳавоӣ ва ғайраҳо оварда расонид, сабаби коҳиши дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ гашт, аз ҷумла паст шавии ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ ба 28,7%, бор ва мусофиркашонӣ бо нақлиёти ҳавоӣ - 40,2% ва 66,7%, гардиши умумии савдо - 14,4%.[2]

Иҷриши буҷети давлатии ҶТ дар вазъи кунунии таъсири бемории COVID-19 ҳамчунон бо мушкилотҳои гуногун рӯ ба рӯ гаштааст. Агар дар ҳашт моҳи соли

---

[1] Портали ягонаи миллӣ оид ба коронавирус (COVID-19). [Захираи иттилоотӣ]. URL: https://www.covid.tj/. (Санаи муроҷиат: 12.12.2020).

[2] Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Январ-Август, 2020. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – с. 5-6.

2020 даромади буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 2583,2 млн. сомони иҷро шуда бошад, қисми асосии он аз ҳисбои грантҳои хориҷӣ ташкил шудааст, ки 2373,2 млн. Сомони мебошад.[3] Азбаски Ҳукумати ҶТ чораҳои зиёдро доир ба хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, грантҳо барои мубориза бар зидди бемории COVID-19 равона месозад, масъалаҳои таъмини шаффофияти хароҷоти маблағҳо ва ташкили мониорингу баҳодиҳӣ бояд афзалтар гарданд.

Ҳамин тариқ аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки мониторинг ва баҳодиҳӣ ҳамчун воситаи асосии таъмини шаффофият ва зерҳисобияти хароҷоти давлатӣ дар соҳаи пешгирии бемории COVID-19 баромад менамояд. Тадбиқи босамари низоми мониторингу баҳодиҳӣ барои ҷалби аҳолӣ ба раванди қабули қарорҳои идоракунӣ ва ташкили низоми назорати барномаҳои давлатӣ бар натиҷагирии ниҳоӣ асосёфта мусоидат менамояд.

*Моҳияти мониторинг ва баҳодиҳӣ.*

Низоми мониторинг ва баҳодиҳӣ (МваБ) – қисми муҳими идораи лоиҳаҳо, барномаҳо ва омодакунии ҳисоботҳо мебошад. Ташкили МваБ-и саривақтию боэътимод барои ба даст даровардани маълумоти зарурӣ оид ба мақсад ва натиҷаҳои иҷроиши барномаҳою лоиҳаҳо лозим аст. Маълумоте, ки дар натиҷаи МваБ ба даст дароварда мешавад барои қабули қарорҳои идоракунӣ мусоидат менамояд, аз ҷумла барои:

- дастгирии раванди идоракунии лоиҳа ва барнома бо воситаи пешниҳоди роҳбарону шахсони масъул ҳисоботҳои асосноку боэътимоде, ки идоракунии босифат ва самаранокии барномаю лоиҳаҳоро таъмин менамояд;
- таъмини сатҳи шаффофият ва зерҳисобияти иҷроиши барномаҳою лоиҳаҳои давлатӣ дар самтҳои гуногуни фаъолият;
- таъмини имконотҳои ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдор: бенефитсиарҳо (истеъмолгарони хизматрасониҳо), мақомотҳои давлатӣ ва хусусӣ (пешниҳодкунандагони хизматрасониҳо), ташкилотҳои ҷамъиятӣ (назоратчиёни ҷамъиятӣ) ва ташкилотҳои хориҷӣ (донорҳо);
- пешбурд ва  дарки арзишҳои ташкилоти худ бо роҳи ҷалби диққати аҳолӣ, давлат ва ҷонибҳои манфиатдор ба дастовардҳои хеш, ҷалби захираҳои пулию моддӣ ва баланд бардоштани иқтидори таҳлилии ташкилот.

Мониторинг аз калимаи англисӣ «*monitoring*» гирифта шудааст, маънояш мушоҳидат, назорат мебошад. Дар илми муосир мафҳуми “мониторинг” вобаста аз объекти таҳқиқот дорои хусусиятҳои гуногун мебошад, вале моҳияти асосии он ҳамчун  низоми мушоҳидаи доимии ҳодисаҳо ва равандҳои муҳити гирду атроф, ҳайёти ҷомеа барои асоснoккунии қарорҳои идоравӣ оид ба таъмини бехатарии одамон ва объектҳои иқтисодӣ қабул шудааст.

Дар низоми идоракунии лоиҳаҳо мафҳуми **мониторинг** ҳамчун *раванди назорати мунтазами унсурҳои калидии иҷроиши лоиҳа ва назорати таъсири оқибатҳои банақшагирифташудаи он* истифода бурда мешавад.[4] Аз таърифи мазкур бар меояд, ки баҳри баланд бардоштани самараи иҷроиши лоиҳа мониторинг бояд дар ду марҳила гузаронида шавад: дар қисми иҷроиши лоиҳа ва дар қисми ҷамъбастӣ ва натиҷагирии лоиҳа, ки санҷиши оқибатҳои таъсири лоиҳа

[3] Ҳамон ҷо, с. 93.
[4] Руководство по планированию, мониторингу и оценке результатов развития. Программа развития ООН. –с. 20.

ба ҷомеаро бояд дар бар гирад. Вобаста аз ин ду намуди мониторингро фарқ менамоянд:

- мониторинги ҷараён;
- мониторинги наиҷаҳо (оқибатҳо).

**Мониторинги ҷараён** – ин ҷамъоварии мунтазами маълумот оид ба тамоми ҷабҳаҳои лоиҳа бо мақсади санҷиши раванди иҷроиш ва инкишофи фаъолияти лоиҳа мебошад. Ҳадафи ин намуди мониторинг - пешниҳоди маълумот барои банақшагирӣ ва ташкили робитаи тарафайн бо донорҳо, иҷрокунандагон ва бенефитсиарҳои (гирандагони) лоиҳа аст.

**Мониторинги натиҷаҳо (оқибатҳо)** – ин назорати бузургиҳои тағйирёбанда, ки дар шакли санҷиши нишондиҳандаҳои натиҷагирӣ ва санҷиши оқибатҳои таъсири лоиҳа ба ҷомеа баромад менамояд, мебошад. Ингуна мониторинг маълумотеро назорат менамояд, ки ба мизоҷони (гирандагони) лоиҳа таалуқ дорад, масъалан, тағйирёбии дониши аҳолӣ, муносибат, эътиқод, малака ва рафтори онҳо, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии давлатӣ, шароити гирду атроф ва ҳоказоҳо.

Мафҳуми **баҳодиҳӣ** дар навбати худ ду маънои асосиро дар бар мегирад:

1) *ҷараёни муқоисаи объект бо нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории арзёбии он*, ва 2) *муайянкунии арзиши объект, ки дар натиҷаи он хислатҳои сифатии он муайян мегарданд.*

Баҳодиҳӣ муносибати шуурнокии мусбӣ ё манфии шахсро нисбат ба объект ифода намуда, рафтори шахсро нисбат ба тарафдорӣ ё рад кардани вазъи воқеъии иҷроиши корҳоро муайян мекунад.

Ду намуди баҳодиҳиро фарқ мекунанд:

- баҳодиҳии таъсир;
- баҳодиҳии оқибатҳо.

**Баҳодиҳии таъсир** – таъсири иҷроиши мақсаду вазифаҳои барнома ба аҳолиро инъикос менамояд. Масъалан, чигуна иҷроиши вазифаҳои барномаи пешгирии бемории COVID-19 ба коҳиши сатҳи паҳншавии беморӣ байни аҳолӣ таъсир намуда истодааст. Одатан як ё якчанд барномаҳо ба тамоми аҳолӣ таъсир расонида наметавонанд. Аз сабаби ин баҳодиҳии таъсир бояд дар асоси методикаи дақиқ гузаронида шавад ва таъсири барномаҳои муштарак ба гурӯҳҳои аҳолии осебпазирро баҳогузорӣ карда тавонад.

**Баҳодиҳии натиҷаҳо** – яке аз намудҳои баҳодиҳии лоиҳа мебошад, ки нишон медиҳад, то чӣ андоза амалҳою вазифаҳои лоиҳа ба мақсаду натиҷаҳои банақшагирифташуда оварда расонидаанд. Нисбат ба мониторинг баҳодиҳии натиҷаҳо доира ва ҳаҷми таъсири мақсадҳои иҷроиши лоиҳаро месанҷад.

Фарқият байни мониторинг ва баҳодиҳӣ дар мақсад ва вақти гузаронидани онҳо дида мешавад. Мониторинг чун қоида ба назорати доимии раванди иҷроиши лоиҳа равона шудааст. Баҳодиҳӣ бошад дар вақти муайян барои санҷиши сатҳи самаранокии иҷроиши лоиҳа барои ба даст даровардани ҳадафҳои умумии он гузаронида мешавад.

Мафҳумҳои мониторинг ва баҳодиҳӣ бо ҳамдигар алоқманданд. Мониторинг чун қоида, барои ҷамъоварии маълумоти зарурӣ оид ба фаъолияти лоиҳа ва исифодаи он дар баҳодиҳии ояндаи лоиҳа хизмат мекунад. Аз ҷониби дигар унсурҳои баҳодиҳӣ дар ҷараёни мониторинг истифода бурда мешаванд.

Хусусиятҳои фарққунанда байни мониторинг ва баҳодиҳӣ дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.**

**Хусусиятҳои фарққунундаи мониторинг ва баҳодиҳӣ**[5]

| Нишондиҳанда | Мониторинг | Баҳодиҳӣ |
|---|---|---|
| *Мӯҳлат* | Доимо дар тамоми ҷараёни иҷроиши лоиҳа | Санҷиши даврагӣ дар марҳилаҳои муҳими иҷроиши лоиҳа – дар марҳилаи мобайнӣ ва ҷамъбастии лоиҳа |
| *Миқёс* | Фаъолияти харрӯза, нишондиҳандаҳои маҳсулот ва натиҷаҳои лоиҳа, рафти иҷроиши корҳо ва тағйиротҳо | Баҳодиҳии натиҷаи корҳои иҷрошуда, пешравӣ нисбат ба мақсад, вазифаҳо, таъсир ва устувории лоиҳа |
| *Иштирокчиёни асосӣ* | Кормандони лоиҳа ва гурӯҳи мақсаднок | Коршиносони беруна, гурӯҳҳои мақсадноки лоиҳа, комрандони лоиҳа, донорҳо, ҷонибҳои манфиатдор |
| *Раванд* | Вохуриҳои доимии корӣ, интервюи ҳармоҳа, тафсирҳои семоҳа ва омӯзиши ҳуҷҷатҳо | Омӯзиши хуҷҷатҳо, машқҳои иловагӣ барои ҷамъоварии маълумот |
| *Шакли ҳисобот* | Ҳисоботҳои доимӣ бо хулосаҳо ва тавсияҳо, варақаҳои назоратӣ, протоколҳо ва ғайраҳо | Ҳисоботҳои хатии доимӣ бо хулосаю тавсияҳо барои тадбиқи тағйиротҳо ба лоиҳа, ки ба ҷонибҳои манфиатдор пешниҳод карда мешаванд |

Аз ҷадвал бар меояд, ки хусусияти фарққунандаи мониторинг аз он иборат аст, ки мониторинг доимӣ, бе дахолатпазирӣ ба раванди иҷроиши лоиҳа бо мақсади муқоисаи натиҷаҳо ва корҳои иҷрошудаи лоиҳа бо нишондиҳандаҳои нақшавӣ барои беҳтарсозии кори лоиҳа гузаронида мешавад. Боҳидиҳӣ бошад дар марҳилаҳои калидии иҷроиши барнома, бо мақсади таҳили сабабҳои расидан ба натиҷаҳои интизорӣ ё муайянкунии мушкилотҳое, ки метавонанд ба таъсирпазирии лоиҳа зарар расонанд гузаронида мешавад.

## 1.2. Мақсад, унсурҳо ва принсипҳои асосии мониторинг ва баҳодиҳӣ

Таҳлили моҳияти МваБ нишон медиҳад, ки *мониторинг* дар шакли раванди доимии ҷамъ ва таҳлили ахборот барои назорати рафти иҷроиши нақшаҳои лоиҳа ва санҷиши мувофиқати он ба стандартҳои қабулшуда баромад менамояд.

**Мақсади мониторинг** – муайянкунии самтҳои умумӣ, вариантҳо ва стратегияҳои инкишофи барномаю лоиҳаҳо бо мақсади қабули қарорҳои асосноки идоракунии он мебошад.

**Мақсади асосии баҳодиҳӣ** – муайянкунии сатҳи таъсири лоиҳа ба ҳалли мушкилотҳои ҷомеа ва ташкили имкониятҳои рушди он ба ҳисоб меравад.

[5] Руководство по созданию системы мониторинга и оценки проекта. [Электронный ресурс]. URL: http://cso-central.asia.com (санаи ташриф – 12.12.2020)

**Ҳадафи асосии ташкил ва татбиқи низоми МваБ** аз ҷамъоварии маълумоти зарурӣ барои қабули қарорҳои дахлдор оид ба баланд бардоштани самаранокии иҷроиши лоиҳа иборат мебошад. Аз ин ҷо бар меояд, ки усулҳои МваБ-и лоиҳа дар марҳилаи таҳия ва банақшагирии лоиҳа бояд муайян карда шаванд. Низоми МваБ дар рафти иҷроиши лоиҳа афзалиятҳо ва камбудиҳои лоиҳаро муайян намуда ба вазъи воқеъии иҷроиши лоиҳа бояд таъсир расонад, ки дар навбати худ банақшагирии лоиҳаро дар марҳилаҳои гуногун дар бар мегирад (расми 1).




***Расми 1.*** *МваБ дар низоми идоракунии лоиҳа*

Чӣ тавре, ки аз расми 1 бар меояд, МваБ қисми таркибии низоми идоракунии лоиҳа ба ҳисоб рафта барои муайянкунии зарурати ташкили лоиҳа, санҷиши марҳилавӣ ва ниҳоии иҷроиши амалиётҳои он ва баҳодиҳии таъсири оқибатҳои лоиҳа ба ҳайёти ҷомеа-ро инъикос мекунад. Қобили зикр аст, ки МваБ дар доираи иҷроиши марҳилаҳои асосии лоиҳа дорои хусусияти такроршаванда мебошад. Натиҷаҳои МваБ лоиҳа барои банақшагирии лоиҳаи дигар хизмат менамоянд. Дар ин ҷода МваБ ҳамчун воситаи ғункунии маълумот оид ба дастовардҳо, хатарҳо ва нокомии банақшагирӣ, ташкил ва иҷроиши лоиҳа баромад мекунад, ки бахри фаъолияти устувори лоиҳа хеле зарур ҳисобида мешавад.

Дар марҳилаҳои гуногуни лоиҳа намудҳои гуногуни МваБ мавриди истифода қарор мегиранд, ки дорои савол ва нишондиҳандаҳои муайяни санҷиши вазъи иҷроиши корҳои лоиҳа мебошад. Дар мавриди татбиқи низоми МваБ коршинос бояд ба се саволи зерин посух гардонад:

1. “Оё рафти иҷроиши лоиҳа тибқи нақша аст?” – посух ба ин савол ба роҳбарони лоиҳа барои санҷиши дараҷаи иҷроиши вазифаҳои лоиҳа ва ташкили назорат имкон медиҳад.

2. “Оё амалҳои лоиҳа ба тағйиротҳои мақсаднок оварда мерасонанд?” - посух ба ин савол ба тамоми ҷонибҳои манфиатдор имкон медиҳад, ки дараҷаи самаранокии хароҷоти маблағҳои лоиҳа бодарназардошти таъсири иҷтимоии он баҳогузорӣ карда шавад.
3. “Оё амалҳои лоиҳа дурустанд?” – посух ба ин савол ба роҳбарони ташкилотҳо оид ба муҳимияти фаъолияти ташкилот ва инкишофи дурусти стратегии он маълумот медиҳад.

Ду саволи аввалин ба сикли ҳайётии лоиҳа таълуқ доранд, ки дар расми 1 оварда шудааст. Саволи сеюм бошад банақшагирии дарозмуддати фаъолияти ташкилотро дар бар мегирад.

Ҳамзамон тарҷибаи пешқадами ватанию хориҷӣ нишон медиҳад, ки низоми МваБ аз рӯи сохтори ташкилӣ бояд соддатар бошад. То чӣ андоза низоми МваБ мураккаб ташкил шавад, ҳамон қадар маълумотҳои зиёдро ғундошта идораи лоиҳаро мураккаб мегардонад. Муҳим аст, ки маълумоти МваБ ҳамчун асос барои қабули қарорҳои фаврӣ истифода бурда шавад. Аз ҳамин сабаб низоми МваБ бояд дорои стандартҳои мушаххас дар ҷамъ ва таҳлили ахборот бошад. Маҷмӯи **хусусиятҳои** ташкили низоми МваБ-ро чунин тасвир кардан мумкин аст:[6]

- Иштироки ҷонибҳои манфиатдор. Иштироки ҷонибҳои манфиатдор дар марҳилаҳои банақшагирӣ, ташкил ва гузаронидани МваБ бо роҳи иштироки муштарак дар таҳқиқот ва вохуриҳо бояд ҳавасманд карда шавад.
- Нигаронишавӣ ба натиҷаҳо. Ҷараёнҳои банақшагирӣ, мониторинг ва баҳодиҳӣ бояд барои ба даст даровардани натиҷаҳои лоиҳа равона карда шаванд. Маълумоти ҷамъ оварда шуда бояд таҳлил гашта дар раванди қабули қарорҳо истифода бурда шавад.
- Пешниҳоди маълумоти дуруст ва босифат. Дар ҳар як марҳилаи МваБ захираҳо, амалҳои ва натиҷаҳои лоиҳа бояд дуруст ва пурра баҳогузорӣ карда шаванд ва дастрасӣ ҷомеа гарданд.
- Нигоҳдории иттилоот. Ҷамъ, захира ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои корие, ки ба раванди иҷроиши лоиҳа таалуқанд ба вазифаи муҳими МваБ дохил мешавад.
- Риояи меъёрҳо ва стандартҳо. Риояи меъёрҳои қонунгузорӣ, этикӣ ва иттилоотӣ дар МваБ муҳим аст.

Дар низоми МваБ, ки ба арзёбии тағйиротҳои сифатнок ва таъсирпазирии лоиҳа равона шудааст, иштироки тамоми ҷонибҳои манфиатдор баҳри муайянкунии интизории онҳо аз лоиҳаи мазкур ва муайянкунии арзишҳои лоиҳа хеле муҳим ҳисобида мешавад.

Омили дигари ташкили низоми МваБ дар он инъикос гаштааст, ки низоми МваБ баҳодиҳии дохилӣ ва берунаро дар бар мегирад, ки дар асоси додаҳои шаффоф ва дастрас бояд ташкил шавад.

Баҳодиҳии дохилӣ аз ҷониби кормандони худи лоиҳа ё ташкилоте, ки дар он лоиҳаи мазкур амалӣ шуда истодааст, гузаронида мешавад. Баҳодиҳии берунӣ ё мустақил аз ҷониби коршиноси даъватшуда гузаронида мешавад. Бояд донист, ки коршиноси мазкур набояд бо кормандони лоиҳа ё ташкилоти он ягон муносибатҳои корӣ ё дӯстӣ дошта бошад, ки ба сифат ва беғаразии МваБ метавонад таъсири манфӣ расонад.

[6] Руководство по планированию, мониторингу и оценке результатов развития. Программа развития ООН. – с.105.

Ҳамин тариқ  низоми МваБ аз коршинос донистани қадамҳои мушаххаси ташкил ва иҷроиши мониторинг ва баҳодиҳии лоиҳаро тақозо менамояд (нигаред ба ҷадвали 2).[7]

**Ҷадвали 2.**

**Қадамҳои ташкили низоми МваБ**

| Қадамҳо | Мазмун |
|---|---|
| Қадами 1: | Банақшагирии фаъолият ва дахолатпазирӣ: муайянкунии мақсадҳо, вазифаҳо, соҳаҳои хизматрасонӣ, гурӯҳҳои мақсаднок ва ҳаҷми корҳо. |
| Қадами 2: | Муайянкунии низоми нишондиҳандаҳои МваБ: интихоби нишондиҳандаҳо, муайянкунии додаҳои базавӣ, гузоштани ҳадафҳо. |
| Қадами 3: | Муайянкунии усулҳои МваБ: интихоби усулҳои ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот, муайянкунии сарчашмаҳои иттилоотӣ, коркарди шаклҳои омодакунии ҳисоботҳо. |
| Қадами 4: | Мониторинги барномавӣ: шиносоӣ бо  нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории иҷроиши лоиҳа, баҳисобгирии додаҳо. |
| Қадами 5: | Ҷамъ ва таҳлили маълумот, таъмини сифати додаҳо. |
| Қадами 6: | Баҳодиҳии иҷроиши мақсадҳои лоиҳа ва оқибатҳои таъсири он. |
| Қадами 7: | Табдили натиҷаи МваБ ба қарорҳои идоракунӣ, истифодаи натиҷаҳои таҳлил. |

## 1.3. Талаботи асосии ташкил ва баргузории мониторинг ва баҳодиҳии барнома

Қадами аввалини ташкили низоми МваБ муайянкунии мақсад ва соҳаи иҳотаи низоми МваБ мебошад. Дар ин ҷода саволи асосие, ки бояд гузошта шавад чунин аст: “Мақсади гузаронидани МваБ дар чист ва сатҳи фарогирии он чигуна аст?”.  Барои посух гардонидан ба саволе мазкур бояд донист, ки низоми МваБ дар асоси матритсаи мантиқии лоиҳа таҳия мегардад.

Матритсаи мантиқӣ – ин ҷадвали сохтори кории лоиҳа мебошад, ки дар таҳлили вазъ ва мушкилотҳои марҳилаи таҳияи лоиҳа асос ёфтааст.

Матритсаи мантиқӣ дар шакли мухтасар пайдарҳамии мантиқии вазифаҳоро дар бар мегирад, ки барои ба даст даровардани натиҷаҳои лоиҳа (чорабиниҳо, натиҷаҳои марҳилавӣ, ниҳоӣ ва мақсадҳо), муайянкунии нишондиҳандаҳо ва усулҳои санҷиши дараҷаи комёбии амалҳои лоиҳа равона шудаанд.

Се афзалияти истифодаи сохтори мантиқии лоиҳаро фарқ мекунанд:

• Вазифаҳое, ки бо воситаи матритсаи мантиқии лоиҳа ба нақша гирифта шудаанд барои ба даст даровардани мақсади лоиҳа дуруст равона мешаванд.

• Нишондиҳандаҳо ва маълумотҳои ҷамъгашта комёбӣ ё нокомии лоиҳаро дуруст нишон медиҳанд.

• Матритсаи мантиқӣ барои арзёбии хатару имкониятҳое, ки метавонанд ба самараи лоиҳа таъсир расонанд имкон медиҳад.

[7] Руководство по созданию системы мониторинга и оценки проекта. [Электронный ресурс]. URL: http://cso-central.asia.com (санаи ташриф – 12.12.2020)

Шакли сохтори мантиқии лоиҳа ки дар МваБ истифода бурда мешавад дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3**

**Шакли сохтори мантиқии лоиҳа**[8]

| **Шарҳи мухтасар (Чиро мо бояд ба даст орем)** | **Нишондиҳандаҳо (Тағйиротҳо чигуна бояд арзёбӣ гарданд)** | **Воситаҳои санҷиш (Аз куҷо ва чӣ тавр маълумотро дастрас кардан мумкин аст)** | **Тахминҳо (Чиро бояд боз ба инобат гирифт)** |
|---|---|---|---|
| **Мақсади лоиҳа.**<br><br>Натиҷаҳои дарозмуддати лоиҳа, ки бояд ба даст дароварда шаванд | **Нишондиҳандаҳои иҷрои вазифаҳо.**<br><br>Ченакҳои сифат ва миқдор, ки дар асоси онҳо дастовардҳо ва тағйиротҳои лоиҳа арзёбӣ мегарданд | Сарчашмаҳои иттилоот, ки иҷроиши мақсадро тасдиқ мекунанд. Иттилоот чигуна ҷамъоварӣ карда мешавад. | Ҳодисаҳо, шароитҳо ва қарорҳои муҳими муҳити берунӣ, ки барои таъмини иҷроиши мақсади лоиҳа лозиманд |
| **Вазифаҳо – натиҷаҳои асосӣ.** Натиҷаҳои асосии лоиҳа, ки бояд ба даст даровада шаванд | **Нишондиҳандаҳои иҷроиши натиҷаҳои асосӣ.**<br><br>Ченакҳои сифат ва миқдор, ки воситаи асосии арзёбии иҷроиши вазифаҳо мебошанд | Сарчашмаҳои иттилоот, ки иҷроиши вазифаҳоро тасдиқ мекунанд. Иттилоот чигуна ҷамъоварӣ карда мешавад. | Ҳодисаҳо, шароитҳо ва қарорҳои муҳими муҳити берунӣ, ки барои таъмини иҷроиши вазифаҳои лоиҳа лозиманд |
| **Маҳсулотҳо – натиҷаҳои марҳилавӣ**<br><br>Молу хизматрасониҳое, ки дар натиҷаи иҷроиши вазифаҳо ба даст даровада мешаванд ва барои расидан ба натиҷаҳои ниҳоӣ мусоидат менамоянд | **Нишондиҳандаҳои иҷроиши натиҷаҳои марҳилавӣ.**<br>Барои муайян кардани вазъи дастрасии аҳолӣ ба ингуна молу хизматрасониҳо. | Сарчашмаҳои иттилоот, ки таъмини молу хизматрасониҳо ва иҷроиши вазифаҳоро тасдиқ мекунанд. | Ҳодисаҳо, шароитҳо ва қарорҳои муҳими муҳити берунӣ, ки ба таъмини пешниҳоди молу хизматрасониҳо таъсир мерасонанд |
| **Амалҳо**.<br>Амалиётҳо, чорабиниҳо, ки барои ба даст даровардани натиҷаҳои марҳилавӣ, маҳсулотҳои лоиҳа равона мешаванд. | | | Ҳодисаҳо, шароитҳо ва қарорҳои муҳими муҳити берунӣ, ки ба иҷроиши чорабиниҳои лоиҳа таъсир мерасонанд |

[8] Руководство по созданию системы мониторинга и оценки проекта. [Электронный ресурс]. URL: http://cso-central.asia.com (санаи ташриф – 12.12.2020)

Аз ҷадвали 3 бар меояд, ки тибқи сохтори мантиқӣ, раванди банақшагирии вазифаҳои марҳилавӣ, ниҳоӣ ва мақсадҳои лоиҳа  таҳияи нишодиҳандаҳо ва воситаҳои санҷиши натиҷаҳои лоиҳаро талаб менамояд. Дар ин марҳила бояд донист, ки банақшагирии вазифаҳои марҳилавию ниҳоӣ дар асоси усули **SMART** бояд  амалӣ гардад, ки хусусиятҳои мушаххас будани вазифаи лоиҳа, нишондиҳандаҳои арзёбӣ, дастрасии вазифаҳо, воқеъӣ будани онҳо ва гузоштани муҳлатҳои вақти мушаххаси иҷроиши вазифаҳоро дар назар дорад.

Яке аз лаҳзаҳои муҳими низоми МваБ ин муайянкунии предмети мониторинг ва баҳодиҳӣ мебошад. Дар ин марҳила бояд ба саволе зерин посух гардонид "Чиро мо бояд мониторинг ва баҳодиҳӣ намоем?".

Дар раванди мониторинг ва баҳодиҳӣ се сатҳи натиҷагирии лоиҳа арзёбӣ мегарданд (расми 2)




**Расми 2.** *Предмети мониторинг ва баҳодиҳии лоиҳа*[9]

Аз расми 2 бар меояд, ки предмети МваБ аз се сатҳ иборат аст: маҳсулот, натиҷа ва таъсир. Ҳар яке аз ин сатҳҳоро каме мушаххастар дида мебароем.

Сатҳи "Маҳсулот" – натиҷаро нишон медиҳад, ки пас аз анҷоми лоиҳа ба даст даровраа мешавад. Дар ин марҳила коршинос бо натиҷаҳои корҳои иҷрошдаи лоиҳа шинос мешавад. Дар марҳилаи мазкур асосан нишондиҳандаҳои миқдор мавриди истифода бурда мешаванд. Масъалан шумораи аҳолии осебпазире ки кӯмаки молиявӣ дар давраи пандемияи коронавирус аз ҳукумат гирифт, шумораи маъюбоне, ки имтиёзҳои иҷтимоиро гирифтанд, шумораи ниқобҳои муҳофизатӣ ва лавозимоти зарурӣ, ки ба ҳар як беморхона тақсим шудааст ва ҳоказоҳо.

Сатҳи  "Натиҷаҳо"  таъсири кӯтоҳмуддат мувофиқи иҷроиши вазифаҳои лоиҳаро инъикос мекунад. Дар ин ҷода натиҷаҳое, ки ба он иҷрошии мақсаду визифаҳои лоиҳа оварда мерасонанд, мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд. Масалан, агар дар сатҳи "Маҳсулот" коршинос тақсимоти воситаҳои муҳофизати инфиродӣ, ниқобҳо, маҳлулҳои безараргардонӣ, таъмини таҷҳизоти зарурӣ ҳамчун чораҳои пешгирии бемориии коронавирусро дида бароад, дар сатҳи "Натиҷаҳо" бошад коршинос бояд бештар ба таъсири ингуна чорабиниҳо аҳамият диҳад, аз чумла: коҳиши шумораи сироятшудагон, афзоиши шумораи

[9] Калдейра Р., Вернер Д. Дорога к эффективности? Руководство по мониторингу. – Transparency International, 2015 – с. 6..

сиҳатшудагон, коҳиши динамикаи шабонарузии сирояти аҳолӣ ва ҳоказоҳо. Дар ин сатҳ бештар нишондиҳандаҳои миқдор истифода мешаванд.

Сатҳи “Таъсир” – тағйиротҳои дарозмуддат ва устувори лоиҳаро инъикос мекунад, ки дар ҳайёти одамон дар натиҷаи иҷроиши лоиҳа ба вуҷуд меоянд. Дар ин ҷода коршинос бештар ба тағйиротҳои сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии мардум бояд назар афконад. Масъалан, фоизи аҳолие, ки дар давраи пандемия сатҳи даромади оилавии худро баланд карданд; фоизи аҳолие, ки дастрасӣ ба хизматрасонии тиббии сифатнок доранд ва ҳоказоҳо.

Баҳри арзёбии ингуна сатҳҳои натиҷагирии лоиҳа коршинос бояд аз нишондиҳандаҳо истифода барад, ки онро мо метавонем ба се гурӯҳ тақсим намоем: нишондиҳандаҳои баромад/маҳсулот, нишондиҳандаҳои натиҷагирӣ ва нишондиҳандаҳои таъсир.

Фарқияти назаррас байни нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ мавҷуд аст, аз ҷумла: нишондиҳандаҳои миқдорӣ – тағйиротҳоро бо рақам ифода менамоянд, масъалан %, адад ва ҳ.; нишондиҳандаҳои сифатӣ – бо тарзи тасвир, фикру ақидаҳои ҷонибҳои манфиатдор ва гурӯҳҳои мақсаднок.

Бояд донист, ки МваБ дар сатҳи таъсири ниҳоии лоиҳа арзёбии мунтазами сохти техникиву иқтисодии стратегияҳои алтернативӣ (нақшаҳо ва барномаҳо), тадбиқи стратегияҳо ва оқибатҳои қабули онҳоро дар бар мегирад. Мониторинг ва баҳодиҳии хуб иттилооти миқдорӣ ва сифатро ба ҳам пайваст намуда, проблемаро аз нуқтаҳои гуногун баррасӣ мекунад ва усулҳои мувофиқро барои тафтиши имконпазирии вариантҳои пешниҳодшуда истифода мебарад.

Бо вуҷуди ин, МваБ ин на танҳо воситаи техникие, ки қарор қабулкунандагонро бо иттилооти зарурӣ таъмин менамояд, низоми МваБ равандест, ки ба интихоб ва истифодаи усулҳою абзорҳое, ки ҳадаф ва арзишҳои ҷонибҳои манфиатдор, шахсони воқеӣ, гурӯҳҳои шаҳрвандӣ, сиёсатмадорон ва воҳидҳои ҳукуматиро эътироф мекунад ва ба таҳлили дақиқи масъалаи баҳснок равона шудааст мебошад. Он инчунин меъёрҳои дақиқу ошкорро дар бар мегирад, ки барои арзёбии қарорҳои пешниҳодшуда, таҳия ва арзёбии сиёсатҳои алтернативӣ, муайянкунии роҳҳои мушаххаси тадбиқи он ва арзёбии натиҷаҳои тадқиқот истифода мешаванд.

Бешубҳа, МваБ ин танҳо раванди техникӣ ва миқдорӣ аст. Аз баски сиёсати давлатӣ дорои мақсаду вазифаҳои ниҳоӣ мебошад, ки бештар ба қонеъ гардонии талаботи аҳолии ниёзманд равона шудааст, ченакҳои сифат дар арзёбии натиҷагирии ниҳоии сиёсати давлатӣ васеъ истифода мешаванд. Аз ин ҷо бар меояд, ки дар низоми МваБ усулҳои миқдорӣ ва сифатӣ дар якҷоягӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Олими шинохтаи итолявӣ дар соҳаи тадқиқоти сиёсӣ Мейҷон Жиандоменико дар асари илмии худ “Далел, аргумент ва эътиқод дар раванди сиёсат” мегӯяд, ки:

«. . . бояд донист, ки мақсади баҳодиҳӣ на танҳо фаҳмидани дурустии сиёсати пешниҳодшуда (роҳи ҳалли проблема) мебошад, балки таъмини интихоб ва тадбиқ пешниҳодҳо аст, ки дар ин ҳолат таҳлилгар ба ғайр аз донишу малакаҳои анъанавӣ бояд малакаҳои риторикӣ ва диалектикӣ барои асосноккунии нуқтаи назари худ ва боваркунонии ҷомеаи гирду атрофро дошта бошад. Даро ин ҷо таҳлилигар бояд ба инкишофи қобилияти омӯзиш ва таҳлили нуқтаҳои назари мухталифи ҷомеа ва муайянкунии проблема, ҷустуҷӯи сарчашмаҳои гуногуни иттилоот ва ба даст даровардани далелҳои мушаххасу

муҳим, мутобиқ гардонии далелҳо ба сатҳи фаҳмиш ва дарки аҳолӣ ва ҷонибҳои манфиатдор бо мақсади инкишофи фикррониии ҷомеа аҳамияти ҷиддӣ диҳад...».[10]

Тибқи ақидаи бархе олимони соҳаи МваБ, дар оянда истифодаи усулҳои таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ аз аҳамият дур намемонад. Дар назар аст, ки ба раванди мониторинг ва баҳодиҳӣ бештар гурӯҳҳо ва шахсоне зери таъсири сиёсати давлатӣ қарор дошта ҷалб мегарданд, ки ба шаффоф гардонии раванди тадқиқот, бештар истифодаи усули гуфтушунидҳо, эътирофи назарраси нақши арзишҳо дар тамоми раванд, аз муайянсозии проблемаи тадқиқот то ба коркард ва интихоби роҳҳои гуногуни бартарафсозии он оварда мерасонад. Ҳамзамон усули миқдорӣ дар интихоб ва таҳлили нишондиҳандаҳои миқдории сиёсати пешниҳодшуда ва арзёбии вазни холисе, ки дар маҳакҳои иқтисодӣ, техникӣ ва иҷтимоӣ натиҷагирии ҷараёни тадбиқи пешниҳодҳо дида мешаванд, вазифаи асосии худро мебозад.

Ғайр аз ин, таҳлилгар бояд ба масъалаи этикаи МваБ ба таври назаррас аҳамият диҳад, азбаски риояи этикаи МваБ, аз ҷумла роҳ надодан ба истифодаи маълумоти нодуруст аз сарчашмаҳои иттилоотии ғайрирасмии ношаффоф, нуқтаҳои назари санҷиданашуда ва ғайраҳо метавонад ба натиҷагирии лоиҳа таъсири манфӣ расонад.

Пас, саволе ба миён меояд, ки МваБ чигуна бояд ташкил гардад? Тафсилотҳое, ки аз гуфтаҳои боло бар меоянд, нишон медиҳанд, ки новбаста аз он, ки МваБ дар марҳилаҳо ва сатҳҳои гуногуни иҷроиши лоиҳа бештар ба нишондиҳандаҳои миқдорӣ аҳамият медиҳад, МваБ-и хуб бояд дар асоси истифодаи якҷояи усули таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ, аз ҷиҳати мантиқ, вокеъият ва мақсаднок мувофиқ будани он, ба ҳалли проблемаи муҳими ҷамъиятӣ равона гардад ва дар натиҷаи он иттилооте аз ҷиҳати иқтисодӣ, техникӣ, этикӣ ва сиёсӣ асоснокшуда ба шахсони қарорқабулкунандагон пешниҳод гардад, ки дар ҳалли мушкилии муҳими ҷамъиятӣ саҳми арзанда дошта тавонад.

Пас аз муайянкунии нишондиҳандаҳо, бояд протоколи тасвири нишондиҳандаи МваБ омода карда шавад, ки шарҳи индикатор, ченаки баҳодиҳӣ, сарчашмаи иттилоот ва масъулонро бояд дар бар гирад (нигаред ба ҷадвали 4).

Дар давраи мониторинг асосан нишондиҳандаҳои сатҳи “Масҳуслот” ва сатҳи “Натиҷаҳо” ҷамъ ва таҳлил мегарданд, ки дар он бештар нишондиҳандаҳои миқдорӣ истифода бурда мешаванд. Нишондиҳандаҳои сатҳи “Таъсир” бештар дар давраи баҳодиҳии лоиҳа арзёбӣ мегарданд, аз баски на ҳама нишондиҳандаҳои таъсир пас аз анҷомёбии чорабинии лоиҳа амалӣ мегарданд. Аз сабаби ин нишондиҳандаҳои таъсир асосан бештар чун нишондиҳандаҳои сифат арзёбӣ мегарданд, ки баҳодиҳии онҳо душвор мегардад. Дар бархе лоиҳаҳо таъсири мақсаду вазифаҳои иҷрошуда пас аз 3-5 сол аз анҷомёбии лоиҳа метавонад муайян гардад.

Ҳамин тариқ коршинос бояд дар назди МваБ мақсадҳои мушаххас гузорад, ки барои ба даст даровардани он тавонад аз нишондиҳандаҳои мушаххас, сифатноку боэътимод истифода барад. Барои исбот намудани таъсири воқеъии натиҷаҳои лоиҳа бояд ҳамчунин ҳолати лоиҳаро дар сатҳи базавӣ, рушди аввалин арзёбӣ намуд, то ки минбаъда тамоюли инкишофи лоиҳаро баҳо дода тавонем.

[10] Majone, Evidence, Argument, and Persuasion, 2006, p. xii.

**Чадвали 4.**

**Шакли тасвири нишондиҳандаҳо (индикаторҳо)-и МваБ**[11]

| | |
|---|---|
| **Номи лоиҳа:** | Ташкили бунгоҳи тиббӣ дар деҳот |
| **Муҳлати амалишавии лоиҳа:** | Январ 2019 – Декабр 2020 |
| **Нишондиҳанда:** | Шумораи аҳолии деҳот, ки аз хизматрасонии бунгоҳи тиббӣ истифода мебаранд |
| **Шарҳи нишондиҳанда:** | Нишондиҳандаи мазкур шумораи аҳолии деҳоти мушаххас, ки аз хизматрасонии бунгоҳи тиббӣ истифода бурданд инъикос мекунад. Ин гурӯҳи одамоне, ки барои муолича, машварати духтур, муоина, дастрасии доруворӣ ва гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ ба бунгоҳи мазкур мурочиат намудаанд. |
| **Ченаки баҳодиҳӣ:** | Аҳолии деҳот |
| **Тақсимоти нишондиҳанда:** | Чинс, сину сол, вазъи ичтимоӣ, намуди хизматрсонии тиббие, ки аз бунгоҳ ба ӯ пешниҳод карданд |

Таҳлили сатҳи базавӣ дар якҷоягӣ бо муайянкунии мақсаду вазифаҳои лоиҳа қарор мегирад. Масъалан пеш аз санҷиши таъсири дастрасии кӯдакони ноҳияҳои дурдаст ба витаминҳо ва сабзавот бояд саравал муайян кард ки чигуна сабзавотҳоро ва дар кадом ҳаҷм дар давоми сол кӯдакони ингуна ноҳияҳо истеъмол мекунанд. Мисоли дигар, барои баҳодиҳи маблағгузории хориҷӣ ба пешгирии бемории коронавирус, то оғози МваБ ҳаҷми маблағгузории соҳаи тандурустӣ дар ҷодаи пешгирӣ ва мубориза бар зидди тамоми бемориҳои сироятшаванда бояд баҳодиҳӣ карда шавад. Ҳамин тариқ маълумоти базавӣ барои муайян кардани тағйиротҳои мушаххас, ки аз иҷроиши лоиҳа бар меоянд мусоидат мекунад.[12]

Барои банақшагирии маълумоти базавӣ ва тасвири он нигаред ба ҷадвали 5.

Бояд донист, ки дар ҳолате ноаниқ будани мақсад, вазифаҳо ва сарчашмаҳои иттилооти МваБ, таҳияи ҷадвали тасвирҳои маълумоти базавӣ барои оғози МваБ душвор мегардад. Коршинос бояд аниқ донад, ки дар раванди иҷрои лоиҳа чигуна натиҷаҳо ба даст даровардa мешаванд ва чигуна тағйиротҳоро интизор аст.

[11] Руководство по созданию системы мониторинга и оценки проекта. [Электронный ресурс]. URL: http://cso-central.asia.com (санаи ташриф – 12.12.2020)

[12] Калдейра Р., Вернер Д. Дорога к эффективности? Руководство по мониторингу. – Transparency International, 2015 – с. 9-14.

**Ҷадвали 5.**

**Ҷадвали тасвири маълумотҳои базавӣ (аввалин)-и лоиҳа[13]**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Номи лоиҳа:** Мониторинги маблағгузории лоиҳаҳои соҳаи тандурустӣ, ки ба пешгирии бемории коронавирус равона шудаанд | | | |
| **Муҳлати лоиҳа:** Январ-Март 2020 | | | |
| **Санаи тасвири вазъи аввалин (базавӣ):** 20-30 январи соли 2020 | | | |
| **Нишондиҳанда** | **Саволҳои базавӣ** | **Усулҳо ва воситаҳо** | **Сарчашмаҳои иттилоот ва респондентҳо** |
| Фоизи ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки мустақилона бо мониторинги маблағгузории лоиҳаҳои пешгирии бемории сироятӣ машғуланд | - Чанд ташкилоти ҷамъиятӣ МваБ мегузаронанд?<br>- Чанд ташкилоти ҷамъиятӣ накшаҳои тайёри МваБ доранд ва бо нишондиҳандаҳои лоиҳа шинос ҳастанд? | - Пурсиш байни ТҶ;<br>- Мини анкета барои ТҶ-и мақсаднок | - Намояндагон, роҳбарони ТҶ-и мақсаднок;<br>- Ҳуҷҷатҳои лоиҳавии ТҶ. |
| Фоизи шумораи ТҶ-е, ки бо ташкилотҳои байналмилалии молиявию қарзӣ дар самти МваБ-и лоиҳаҳои соҳаи тандурустӣ ҳамкорӣ менамоянд | - Оё ҳамкорӣ байни ТҶ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар самти МваБ ҷой дорад? Агар ҳа, дар кадом сатҳ муносибатҳо амалӣ шуда истодаанд?<br>- Иштироки ТҶ дар банақшагирӣ, ташкил, иҷроиши МваБ | - Пурсиш байни ТҶ;<br>- Пурсиш байни ташкилотҳои байналмилалӣ, ҳукумат. | - Шумораи муайяни ТҶ |
| **Таҳлили маълумотҳои базавии ҷамъовардашуда** | | | |
| Номи нишондиҳанда | Натиҷаҳои микдории маълумоти базавӣ | Натиҷаҳои сифатии маълумоти базавӣ | Тавсияҳо |
| Фоизи ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки мустақилона бо мониторинги маблағгузории лоиҳаҳои пешгирии бемории сироятӣ аллакай машғуланд | 15% | ТҶ дар доираи фаъолияти хеш МваБ ро мегазаронанд. Накшаи мушаххаси амал надоранд | - |
| | - | - | - |

[13] Руководство по созданию системы мониторинга и оценки проекта. [Электронный ресурс]. URL: http://cso-central.asia.com (санаи ташриф – 12.12.2020)

# БОБИ 2. МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ МОНИТОРИНГ ВА БАҲОДИҲӢ

## 2.1. Банақшагирии раванди мониторинг ва баҳодиҳӣ

Пеш аз банақшагирии низоми МваБ коршинос бояд ба саволҳои зерин посух гардонад:[14]

1. Чигуна иттилоотро бояд ҷамъоварӣ намуд?
2. Кӣ ин иттилоотро ҷамъ менамояд?
3. Бо кадом роҳ, восита, иттилоотро ҷамъ менамоем?
4. Кай иттилоотро ҷамъ менамоем?
5. Кӣ иттилоотро коркард ва таҳлил менамояд?
6. Натиҷаҳои таҳлил чигуна истифода бурда мешаванд?

Маҷмӯи масъалаҳои овардашуда дараҷаи омодашавии ташкилотро барои баргузории МваБ нишон медиҳад. Коршинос бояд дарк намояд, ки низоми МваБ бояд то оғози лоиҳа омода бошад, азбаски мониторинг метавонад аз лаҳзаи аввалини фаъолияти лоиҳа гузаронида шавад.

Барои осонии кор саволҳои аоссӣ оид ба кӣ, кай ва чи тавр мониторингро мегузаронад дар ҷадвали ягонаи банақшагирии мониторинг ворид карда шудаанд (ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6.**

**Нақшаи намунавии мониторинг ва баҳодиҳӣ[15]**

| **Номи лоиҳа:** Мониторинги маблағгузории лоиҳаҳои соҳаи тандурустӣ, ки ба пешгирии бемории коронавирус равона шудаанд | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Муҳлати лоиҳа:** Январ-Март 2020 | | | | | | | | |
| **Санаи тасвири вазъи аввалин (базавӣ):** 20-30 январи соли 2020 | | | | | | | | |
| | **Нишондиҳанда** | **Ҳолати базавӣ / Мақсад** | **Адади баҳодиҳӣ** | **Тақсимбандии нишондиҳанда** | **Сарчашмаи иттилоот** | **Усулҳо** | **Суръати ҷамъоварии маълумот** | **Шахсони масъул** |
| **Таъсир** | Фоизи ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки мустақилона бо мониторинги маблағгузори и лоиҳаҳои пешгирии бемории сироятӣ машғуланд | Ҳолати базавӣ – 0 Мақсад - 50% | Ташкилоти ҷамъиятӣ | Аз рӯи намуди фаъолият, ҷойгиршавӣ, намуди лоиҳаҳо | Ҳисоботи баҳодиҳии лоиҳа, руйхатҳои ТҶ | Фокус-гурӯҳҳо, пурсиш, интервю. | Ҳамасола ё дар ҷамъбасти лоиҳа | Ному насаб |
| | Волидайни оилаҳои камбизоат бо ҷои корӣ | Ҳолати базавӣ – 0 Мақсад - 50% | Волидайн | Вазъи иҷтимоӣ, намуди фаъолият, | Ҳисоботи баҳодиҳии лоиҳа, | Вохуриҳо бо волидайнҳо, | Ҳамасола ё дар ҷамъб | Ному насаб |

[14] Руководство по мониторингу и оценке (МиО) проектов/программ. Международная федерация обществ Красного Креста и Красного Полумесяца. – Женева, 2011. – с. 22.

[15] Руководство по созданию системы мониторинга и оценки проекта. [Электронный ресурс]. URL: http://cso-central.asia.com (санаи ташриф – 12.12.2020)

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | таъмин шудаанд | | | шумораи фарзандон | руйхатҳои волидайн | бахши давлат ва намояндагони лоиҳа. | асти лоиҳа | |
| Натиҷа | Шумораи ТҶ, ки низоми МваБ дар лоиҳаҳи хеш ҷорӣ намуданд | Ҳолати базавӣ – 0 Мақсад - 70% | Ташкилоти ҷамъиятӣ | Аз рӯи намуди фаъолият, ҷойгиршавӣ, намуди лоиҳаҳо | Нусхаи нақшаҳои МваБ, ҳисоботҳои МваБ, руйхатҳои ТҶ | Фокус-гурӯҳхо, пурсиш, интервю. | Як маротиб дар нимсол | Ному насаб |
| Натиҷа | Шумораи кӯдакони оилаҳои камбизоат, ки ба боғчаи кӯдакона мераванд | Ҳолати базавӣ – 0 Мақсад - 100% | кӯдак | ҷинс, сину сол, вазъи ичтимоӣ | Руйхати кӯдакон дар журнал | Ташриф ба боғчаи кудакон | Як маротиб дар нимсол | Ному насаб |
| Маҳсулот | Шумораи ТҶ-и дар семинар иштирок дошта | Мақсад - 50 | Иштирокчӣ | Ҷинс, сину сол, вазифа | Руйхати иштирокчиён, аксҳо | Мушоҳидат дар давраи тренинг | Ҳар моҳа | Ному насаб |
| Маҳсулот | Шумораи тренингҳо | Мақсад -5 | тренинг | Аз рӯи мавзӯҳо, муҳлатҳо | Модулҳо, маводҳои тақсимотӣ, варақаҳои баҳодиҳӣ | Омӯзиши ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ | Ҳар моҳа | Ному насаб |

Ҷадвали мазкурро одатан дар марҳилаи оғози лоиҳа бо истифода аз матритсаи мантиқӣ, протоколҳои нишондиҳандаҳо, маълумотҳои базавӣ ва мақсадҳои лоиҳа омода менамоянд. Дар нақшаи мазкур бояд фарқ кард, ки кадоме аз нишондиҳандаҳоро шумо дар доираи мониторинг месанҷед ва кадоме аз нишондиҳандаҳо дар чорчубаи баҳодиҳии лоиҳа арзёбӣ мегарданд.

Одатан нишондиҳандаҳои таъсир дар давраи баҳодиҳии ниҳоӣ санҷида мешаванд. Ҳангоми таҳияи нақшаи мазкур усулҳои ҷамъоварии иттилоот ва гузаронидани мониторингро бояд муайян кард. Усулҳо бояд оддӣ ва воқеъӣ бошанд. Шакли намунавии таҳияи нақшаи мониторинг ва баҳодиҳии лоиҳа дар ҷадвали 5 оварда шудааст.

Пас аз омодакунии нақшаи асосии МваБ барои тамоми марҳилаи иҷроиши лоиҳа, пешниҳод карда мешавад, ки нақшаи иҷроиши чорабиниҳои МваБ ба соли лоиҳавӣ таҳия карда шавад. Нақшаи зерин муҳлатҳои гузаронидани МваБ, нишондиҳандаҳои (индикаторҳои) МваБ, захираҳои лозима ва шахсони масъулро дар бар мегирад (ҷадвали 7).

Аз ҷадвали 7 бар меояд, ки дар раванди банақшагирии МваБ коршинос тибқи ҳар як фаъолият ба ғайр аз муайянкунии муҳлати баргузории баҳодиҳӣ ва таъини шахсони масъул бояд ба таъминоти захираҳои лозима аҳамият диҳад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар барҳе аз ҳолатҳо низоми ташкил ва баргузории МваБ бо

хароҷотҳои моддию кадрӣ рӯ ба рӯ мешавад, ки аз таъминоти саривақтии он натиҷагирии МваБ вобастагии калон дорад.

**Ҷадвали 7**

**Нақшаи намунавии чорабиниҳои МваБ**

| Фаъолият/чорабинӣ | Мухлат | Шахси масъул | Захираҳои лозима |
|---|---|---|---|
| Баҳодиҳии вазъи базавӣ (ҳолати аввалин) | | | |
| Баҳодиҳии вазъи ниҳоӣ | | | |
| Мониторинги чорабиниҳо | | | |
| Мониторинги натиҷаҳо | | | |
| Мониторинги гурӯҳи мақсаднок | | | |
| Мониторинги корҳои сохтмонӣ | | | |
| Мониторинги хариди маводҳо | | | |
| Баҳодиҳии миёнамуҳлат | | | |
| Баҳодиҳии ниҳоӣ | | | |
| Ҳисоботҳои ҳамасола | | | |
| Ҳисоботҳо барои донорҳо | | | |

Аз ҳамин сабаб нақшаи дархост бояд масъалаҳои зеринро дар бар гирад, азҷумла дархости таҷҳизотҳои техникӣ ва конселярӣ барои ҷамъ ва таҳлили додаҳо, дархости таъмини нақлиёт – барои таъмини зудҳаракатии коршиносон, дархости хароҷоти хизматрасонии алоқаи мобилӣ ва интернет – барои пайгирӣ намудани воқеъияти ташрифи коршиносон ба маҳалҳои мониторинг, ва ҳоказоҳо. Умуман низоми муосири МваБ таҳияи буҷети алоҳидаи нақшаи чорабиниҳои МваБ-ро тақозо менамояд, ки зери назорат ва идораи доимии роҳбари дастаи коршиносон бояд қарор гирад.

Ҳамчунин дар марҳилаи банақшагирии МваБ тавсия дода мешавад, ки ҷадвали пайгирии нишондиҳандаҳо таҳия карда шавад (ҷадвали 8).

**Ҷадвали 8.**

**Ҷадвали пайгирии нишондиҳандаҳои МваБ дар давоми сол**

| Нишондиҳанда | Дар аввали сол | Мақсади солона | Натиҷаҳои векъӣ тибқи ҳисоботи семоҳа | | | | Дар охири сол | Тафовут байни нақша ва ичроиш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Семоҳаи 1 | С.2 | С.3 | С.4 | | |
| **Натиҷаи интизорӣ: Ҳамкорӣ байни мақомотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар самти назорати сифати хизматрасонии соҳаи тандурустӣ беҳтар шудааст** | | | | | | | | |
| Лоиҳаҳое, ки дастгирӣ мешаванд ҳамкории байни мақомотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ менамоянд | | 60% | | | | | | |
| **Иқтидори ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар самти таҳия ва тадбиқи низоми МваБ инкишоф ёфта шабакаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ пурзӯр карда шудааст** | | | | | | | | |
| Ҳамасола чорабиниҳо ва тренингҳо оид ба | | 3 | | | | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| инкишофи иқтидори ТҶ баргузор мегарданд | | | | | | | | |
| ТҶ низоми МваБ-ро азхуд намуданд ва метавонанд додаҳои лозимаро ҷамъ ва таҳлил намоянд | | 50% | | | | | | |

Ин ҷадвал дар раванди гузаронидани мониторинг, дар асоси маълумоте, ки як маротиба дар се моҳ ё нимсол ҷамъоварӣ карда мешавад, вобаста аз муҳлатҳои пешниҳоди ҳисоботҳои марҳилавӣ ва ҷамъбастӣ ба роҳбарияти лоиҳа, пур карда мешавад. Ҷадвали мазкур тамоми нишондиҳандаҳои лоиҳаро аз рӯи гурӯҳбандии семоҳа дар бар мегирад. Ин ҷадвалро ҳамчун замима ба ҳисоботи хатии МваБ илова карда ба роҳбарияти лоиҳа ё донорҳо пешниҳод кардан мумкин аст.

### 2.2. Интихоби усулҳои ҷамъоварии иттилоот

Мониторинг ва баҳодиҳӣ аз ҷиҳати методӣ ва ташкилӣ дорои сохтори мураккаб мебошад. Коркарди техника, методика ва раванди мониторинг ва баҳодиҳӣ истифодаи як қатор усулҳои гуногуни ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоотро дар назар дорад. Барои самаранок ташкил ва баргузории МваБ аз ҷониби коршинос бояд шакли методологии ташкили мониторинг, тибқи ҷадвали зерин, омода карда шавад (нигаред ба ҷадвали 9).

**Ҷадвали 9.**

**Методология гузаронидани мониторинг**
**(бояд аз ҷониби коршинос пур карда шавад)[16]**

| | |
|---|---|
| **Номи лоиҳа** | |
| **Мӯҳлати амалишавии лоиҳа** | |
| **Давраи баргузории мониторинг** | |
| **Таърихи рӯзи баргузории мониторинг** | |
| **Мақсад / саволҳои асосии мониторинг** | |
| **Натиҷаи интизорӣ ва нишондиҳанда (индикатор) тибқи матритсаи мантиқӣ ва нақшаи мониторинг** | |
| **Усулҳои мониторинг** *Воситаҳое, ки истифода мешаванд бояд тибқи формати онҳо замима шаванд. Масъалан агар коршинос фокус-гурӯҳро гузаронад, шакли ФГ бо саволҳои асосии он бояд замима гардад. Агар интервю бошад – саволномаро замима намояд, агар мушоҳидат – варақаҳои санҷиш ва ҳоказоҳо.* | |
| **Сарчашмаҳои иттилоот** *Кӣ ба ҳайси респондент иштирок мекунад, кадом ҳуҷҷатҳо мавриди омӯзиш қарор мегиранд, ва ҳоказоҳо.* | |
| **Интихоб** *Шумора ва ҳиссаи респондентҳое, ки аз гурӯҳи мақсаднок дар мониторинг иштирок мекунанд, бояд нишон дода шавад.* | |

[16] Руководство по созданию системы мониторинга и оценки проекта. [Электронный ресурс]. URL: http://cso-central.asia.com (санаи ташриф – 12.12.2020)

| | |
|---|---|
| *Масъалан 20% аҳолии ҷамоат ё деҳа, ки бемории коронавирусро паси сар намуданд дар пурсиш иштирок мекунанд. Респондентҳо тибқи усули "интихоби тасодуфӣ" бояд аз рӯйхати респондентҳо интихоб карда шаванд.* | |

Ҳамин тариқ дар асоси маълумоте, ки дар ҷадвали 9 оварда шудааст, метавонем хулоса барорем, ки интихоби усули мониторинг сараввал омӯзиши нишондиҳандаҳои интизории лоиҳа ва индикаторҳои ба даст даровардани ҳадафи лоиҳаро тақозо менамояд.

Вале барои интихоб ва коркарди усулҳои мониторинг ва баҳодиҳӣ ба методологияи асосии он бояд назар афконем.

Умуман дар банақшагирии мониторинг ва баҳодиҳӣ ба коркарди метод, техника, методика ва раванди тадқиқот аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд.

*Метод* (усул) аз калимаи юнонӣ "methodos" гирифта шудааст маънояш "роҳ" мебошад. Дар мониторинг ва баҳодиҳӣ дар зери мафҳуми метод роҳи асосии ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилооти аввалия (ибтидоӣ) фаҳмида мешавад.

*Техника* аз калимаи юнонӣ "techne" гирифта шудааст маънояш "санъат, ҳунармандӣ" мебошад. Техника маҷмӯи усулҳои махсус барои самаранок истифодаи методи интихобшудаи тадқиқот мебошад.

Ҳар як методи тадқиқот бо воситаи техникаи мушаххас ба мақсади илмии тадқиқот равонашуда, гузаронида мешавад. Методҳои тадқиқоти объект истифодаи техникаҳои гуногуни ҷамъоварии иттилоотро тақозо менамоянд. Иттилооти ҷамъовардашуда бо воситаи технологияҳои коркарди ахборот ба додаҳои тайёр табдил мегарданд. Дар таҳияи абзори тадқиқот техникаҳои махсус ба мисли пурсишномаҳо, мушоҳидаҳо, интервю ва ғайраҳо истифода бурда мешаванд.[17]

*Методика* дар мониторинг ва баҳодиҳӣ - маҷмӯи воситаҳои техникӣ барои истифодаи методи махсуси тадқиқот, аз ҷумла тадбиқ, пайдарҳамии иҷроиш ва ҳамвобастагии марҳилаҳои методро дар бар мегирад.

Ҳангоми гузаронидани мониторинг ва баҳодиҳӣ методикаҳои хусусӣ, ки барои ҷамъоварии иттилооти махсус коркард шудаанд, ё методикаҳои стандартӣ (намунавӣ), ки дар бештари тадқиқотҳо тадбиқ мешаванд, истифода мешаванд. Масъалан тадқиқотҳои мониторингӣ дар муддати тӯлонӣ бо истифодаи методика ва дастгирии ягонаи техникӣ гузаронида мешаванд ва барои ҳар як тадқиқоти монографӣ бошад методикаи махсуси хеш коркард мешавад.

Дар зери мафҳуми *раванди* мониторинг ва баҳодиҳӣ пайдарҳамии тамоми амалиётҳо, системаи умумии амалиёт ва тарзи ташкили МваБ фаҳмида мешавад.

<u>Ҷамъоварии иттилоот барои МваБ.</u>

Дар мониторинг ва баҳодиҳӣ чор гурӯҳи гуногуни усулҳои ҷамъоварии итилоотро фарқ мекунанд (расми 3).

[17] Новиков, А.М. Методология научного исследования / А.М. Новиков, Д.А. Новиков. - М.: ЛИБРОКОМ, 2013. - 22 с.




**Расми 3.** *Усулҳои ҷамъоварии иттилоот*[18]

Усулҳои ҷамъоварии иттилоот, ки дар мониторинг ва баҳодиҳӣ васеъ истифода бурда мешаванд усулҳои ***пурсиш***, аз ҷумла анкетагузаронӣ ва интервю ба ҳисоб мераванд. Ингуна усулҳо имконият медиҳанд, ки аз респондент ба таври мустақим (интервю) ё ғайримустақим (анкетагузаронӣ) маълумоти зарурӣ ҷамъ оварда шаванд.

Моҳияти усули **анкетагузаронӣ** - ташкили алоқаи ғайримустақим байни тадқиқотчӣ ва респондент мебошад. Дар ин ҷо респондент ба саволҳое, ки дар пурсишнома овардашудаанд, худаш хаттӣ ё шифоӣ ҷавоб мегардонад.

Анкетагузаронии инфиродӣ ё гурӯҳӣ мешавад. Дар ҳолати анкетагузаронии гурӯҳӣ респондентҳо ба ҳуҷраи махсуси таъиншуда даъват карда мешаванд, ки ҳар кадоме аз онҳо саволномаи пешниҳодшударо пур мекунад. Одатан, анкетагузаронии гурӯҳӣ ҳангоми гузаронидани пурсиш дар корхонаҳои истеҳсолӣ, ташкилотҳои хизматрасонӣ ё муассисаҳои таълимӣ истифода бурда мешавад. Анкетагузаронӣ ҳамчунин метавонад ба таври мустақим "рӯ ба рӯ" ё ғайримустақим "ба тариқи пурсиши телефонӣ, мактубҳои электронӣ ва пурсиши онлайн", ки дар ин ҷо респондент вақт, макон ва тарзи пур кардани саволномаро худаш интихоб мекунад гузаронида шавад.

Ҳар як шакли анкетагузаронии номбаршуда дорои тарафҳои мусбӣ ва манфии хеш мебошад. Аммо пеш аз анкетагузаронӣ маслиҳат дода мешавад, ки тадқиқотчӣ ба чор масъалаи зерин аҳамият диҳад. Тадқиқотчӣ бояд:

1. гурӯҳи респондентҳоро муайян кунад: "Киро пурсиш мегузаронад?";
2. шакли хуб ва мувофиқи анкетагузарониро интихоб кунад: "Чӣ тавр пурсиш мегузаронад?";
3. саволҳои дурустро таҳия созад: "Кадом саволҳоро медиҳад?";
4. усулҳои таҳлили натиҷаҳои анкетагузарониро муайян намояд: "Чӣ тавр ҷавобҳоро таҳлил мекунад?".

Дар интихоби респондентҳо тадқиқотчӣ метавонад:

1) маҷмӯи умумии респондентҳо (аҳолие), ки объекти тадқиқотро ташкил мекунанд, ё,

2) як гурӯҳи алоҳида (намуна) аз маҷмӯи умумии респондентҳоро интихоб намояд.

Дар мониторинг ва баҳодиҳӣ ду намуди интихоби гурӯҳи алоҳидаи (намунаи) респондентҳоро фарқ мекунанд: интихоби эҳтимолӣ ва ғайриэҳтимолӣ. Дар интихоби эҳтимолии респондентҳо маълумот дар бораи онҳо (аз ҷумла ҷинс,

[18] Новиков, А.М. Методология научного исследования / А.М. Новиков, Д.А. Новиков. - М.: ЛИБРОКОМ, 2013. - 28 с.

синну сол, ҷои истиқомат ва ғайра) пешакӣ маълум аст. Дар интихоби ғайриэҳтимолӣ маълумот оиди респондент, ё гурӯҳи респондентҳо муайян нест.

Дар таҳияи анкета маслиҳат дода мешавад, ки саволҳои пӯшида (бо вариантҳои ҷавоб) ва саволҳои кушода (бе варинатҳои ҷавоб) истифода бурда шаванд. Саволҳои кушода то андозаи муайян имконият медиҳанд, ки ақидаи респондентҳо ба таври инфиродӣ ба инобат гирифта шаванд.

**Интервю** ташкили робитаи бевосита байни тадқиқотчӣ ва респондентро дар назар дорад. Нисбат ба анкетагузаронӣ ин усул барои ҷамъоварии иттилооти шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ дар бораи аксуламали респондент ба саволҳои пешниҳодшударо имкон медиҳад. Интервю метавонад дар шакли робитаи мутлақ (рӯ-ба-рӯ) ё робитаи нисбӣ бо респондент (интервюи телефонӣ) гузаронида шавад. Дар охирин маврид муҳим аст, ки тадқиқотчӣ ба нуқтаи назари респондент, реаксияи эмотсионалии ӯ, сифати ҷавобҳо дар давоми суҳбат ва ғайра аҳамияти ҷиддӣ диҳад.

Ба ташкили интервю мисли мубодилаи дуҷониба рафтор кардан лозим аст. Бояд донист, ки то чӣ андоза интервюер дар бораи ҳадафи ташрифи тадқиқотчӣ маълумот гирад, ҳамонқадар ӯ кӯшиш мекунад, ки кӯмаки худро расонад. Фаромуш макунед, он чизе, ки шумо аз як коршинос омӯхта метавонед, барои гирифтани маълумоти бештар аз дигар коршиносон мусоидат мекунад. Пеш аз гузаронидани интервю тадқиқотчӣ бояд ба саволҳои зерин омода шавад:

1. Чӣ тавр интервю бояд самаранок гузаронида шавад?
2. Чӣ тавр интервю бояд оғоз гардад?
3. Кадом саволҳо бояд пайдарпай дода шаванд?
4. Дар ҳолате, ки коршинос ба саволи дода шуда ҷавоб нагардонад, ё аз ҷавобдиҳӣ канораҷӯи кунад, чӣ бояд кард?

Бо мақсади самаранок гузаронидани интервю як чанд маслиҳатҳои муфиди зерин пешниҳод мегарданд. Саравваал бояд донист ки вақт хеле маҳдуд аст, ва бояд самаранок истифода бурда шавад. Дар оғози интервю ба коршинос барои пазироии шумо ва ҷудо намудани вақти қиммати худ миннатдории худро баён намуда, ҳадафи ташрифи худро кутоҳ шарҳ диҳед, ва сипас ба саволҳои асосӣ гузаред. Эҳтимол, беҳтар аст, ки тадқиқотчӣ суҳбатро аз саволҳои оддӣ ва воқеъӣ оғоз карда пайдарҳам ба саволҳои мураккаб гузарад. Илова бар ин ҳангоми интервю коршинос ҳатман дар бораи ҳуҷҷати стратегӣ, барномаи давлатӣ, дастурамал, тадқиқот ё стандартҳои гуногун сухан меронад, ки ба масъалаи муҳокимашуда таълуқ дорад. Дар ин ҷо таҳлилгар ҳатман бояд номи ҳуҷҷатҳоро дуруст сабт намуда барои тадқиқоти хеш дастрас намуда мутолиа кунад.

Вобаста аз манбаъи маълумоти ибтидоӣ, пурсишҳо ба оммавӣ (пурсиши сокинони шаҳр, иштирокчиёни чорабиниҳои оммавӣ ва ғайра) ва махсус (пурсиши коршиносон) тақсим мешаванд.

Вобаста аз меъёрҳои муқаррашуда пурсиши меъёрӣ ва озод, пурсиши фосилавӣ, кӯчагӣ, пурсиши проблемавӣ ва дигар намудҳои пурсиш мавҷуданд.

Таҳлили ҳуҷҷатҳо, мушоҳидаҳо ва эксперимент ба яке аз усулҳои муҳими ҷамъоварии иттилоот дохил мешаванд. Дар ҳолате, ки аз объекти тадқиқот бо усули пурсиш маълумоти зарурӣ ҷамъ оварда нашавад, онгоҳ усули таҳлили ҳуҷҷатҳо, мушоҳида ва эксперимент истифода бурда мешаванд.

**Таҳлили ҳуҷҷатҳо** имкон медиҳад, ки иттилоот дар бораи ҳодисаҳои гузашта ё оянда ҷамъ оварда шавад. Омӯзиши ҳуҷҷатҳо ва муқоисаи мундариҷаи онҳо бо натиҷаҳои таҳқиқотҳои дигар баҳри таҳлили динамикаи тағйирёбии иҷтимоӣ, муайянкунии тамоюлҳо ва самтҳои рушди равандҳои иҷтимоӣ имкон

медиҳад. Ба ҳайси манбаи иттилоот матн, видео, сабти садо, иттилоот дар шакли график, ҷадвал ва дигар баромад мекунанд.

Мушоҳидаи иҷтимоӣ тадқиқоти ҳодисаро дар лаҳзаи ба вуҷуд омадани он имконият медиҳад ва дар ин ҷода усули беназири ҷамъоварии иттилооти фаврӣ ба ҳисоб меравад. Мушоҳидакунанда метавонанд хусусияти шифоҳӣ ва ғайришифоҳии рафтори объекти тадқиқот: ишораҳо, мимика, тарзи ифодаи эмотсия ва ғайраҳоро сабт намояд.

Истифодаи воситаҳои техникӣ ҳангоми мушоҳида (камераи видео, сабти овоз) имкон медиҳад, ки иттилооти муфассалтар дар бораи ҳодиса сабт шавад.

**Усулҳои ҷамъоварии иттилооти иҷтимоие**, ки унсурҳои пурсиш ва ғайри пурсишро дар бар мегиранд гурӯҳи махсусро ташкил медиҳанд:

- фокус-гурӯҳҳо, ки дар он усулҳои интервю, муҳокимаи гурӯҳӣ ва мушоҳидаҳо якҷоя шудаанд;

- санҷиши иҷтимоие, ки ба ҷамъоварии маълумот дар робита бо илмҳои педагогӣ ва равоншиносӣ имкон медиҳад;

- сотсиометрия, бо истифода аз унсурҳои тадқиқоти иҷтимоӣ, иҷтимоию психологӣ ва оморӣ.

Инкишофи соҳаи мониторинг ва баҳодиҳӣ дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ ба таҳияи усулҳои махсуси ҷамъоварии иттилооти иҷтимоӣ оварда расонид. Усули овоздиҳӣ ба таври васеъ дар омӯзиши рафтори интихоботӣ - пурсиши овоздиҳандагон ҳангоми баромадан аз участкаҳои интихобот истифода мешавад. Коркарди фаврӣ ва таҳлили иттилоот пешгӯии пешакии натиҷаи интихобот пеш аз анҷоми овоздиҳӣ ва ҳисоби натиҷаҳои онро имкон медиҳад.

Дар соҳаи тадқиқоти бозори молу хизматҳо, як қатор усулҳои тадқиқоти мушаххас барои омӯзиши сабабҳои рафтори истеъмолӣ ва омилҳои ба талаботи истеъмолӣ таъсиррасон таҳия ва истифода карда мешавад. Ба онҳо дохил мешаванд:

- тадқиқоти лабораторӣ (холл-тест), ки барои ҷамъоварии иттилооти миқдорӣ дар бораи афзалиятҳои истеъмолкунандагони мол, хизматрасонӣ, паёмҳои рекламавӣ ва ғайра истифода бурда мешавад. Объекте, ки соҳиби аксари овозҳо гардид (намуди бастабандӣ, модули реклама, намуди маҳсулот, ғ.) ҳамчун беҳтарин эътироф мешавад;

- тести “хонагӣ”, ки дар он респондент як маҳсулотро барои санҷиши сифати он дар шароити хона (шустушӯй, хӯрок, ва ғайра) мегирад. Ақидаи аксарияти респондентҳо дар таҳияи стратегияи пешрафти маҳсулот ба назар гирифта мешаванд;

- тадқиқоти “утоқӣ” (як намуди таҳлили мундариҷаи ҳуҷҷатҳо мебошад) корест, ки бо омӯзиши сарчашмаҳои иттилоотии дуюм, ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти манфиатнок, ки омӯзиши вазъи рушди сиёсати ҷорӣ ва тамоюли инкишофи бахшҳои гуногуни иқтисодиётро дарбар мегирад, мебошад.

Рушди мониторинг ва баҳодиҳӣ вусъати базаи методологии он ва такмили базаи техникии ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоотро дар назар дорад. Он имкон медиҳад, ки усулҳои анъанавӣ мунтазам беҳтар гашта, усулҳои нави ҷамъоварии маълумот дар бораи ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ таҳия гарданд.

## 2.3 Интихоби усулҳои коркард ва таҳлили иттилоот

Марҳилаи асосии мониторинг ва баҳодиҳӣ ин коркард ва таҳлили иттилооти ҷамъовардашуда мебошад. Новобаста аз он, ки чӣ тавр иттилоот ба

даст оварда шудааст, аз иттилооти хом хулосаҳои умумӣ баровардан ғайриимкон аст. Аз ин ҷо бар меояд, ки моҳияти марҳилаи коркард ва таҳлили иттилоот – дигаргунсозии иттилооти эмпирикие, ки дар раванди мониторинг ва баҳодиҳӣ ҷамъоварӣ шудааст, мебошад.

Мақсад – табдили иттилоот ба маълумоте, ки барои таҳлил, санҷиши гипотезаҳои тадқиқотӣ ё шарҳи ҳодисаҳо истифода бурда шавад. Таҳлили иттилооти ҷамъовардашуда марҳилаи шавқовари тадқиқот ба ҳисоб меравад. Азбаски таҳлил дар мониторинг ва баҳодиҳӣ ба коркади гипотезаи муайян, исбот ё инкори он равона шудааст абзори методологии таҳлилро гипотеза ташкил менамояд.

Пеш аз таҳлил, иттилооти ҷамъовари шуда бояд коркард гардад, яъне, барои таҳлил омода карда шавад. Коркарди иттилоотро ба *аввалин* ва *дараҷаи дуюм* ҷудо мекунанд (расми 4) .




**Расми 4.** *Намудҳои коркарди иттилоот*[19]

*Коркарди аввалин* дар асоси иттилооте, ки аз тадқиқоти эмпирикӣ ҷамъоварӣ шудааст гузаронида мешавад. Ба сарчашмаи аввалини иттилоот ҷавобҳои респондентҳо, назари коршиносон, натиҷаҳои мушоҳидаҳо ва ғ. дохил мешаванд. Ба намунаи коркарди аввалини иттилот инҳо дохил мешаванд: табулятсия (ҳисоби шумораи ҳодисаҳое, ки ба ҳар як ҷавоб рост меояд), ҳисобкунии тақсимоти фарогирии аломатҳо, таснифот ва ғайра. Дар натиҷаи коркарди аввалини иттилоот, маълумотҳо аз рӯи як қатор аломатҳо ба гурӯҳҳо (қаторҳои тақсимот) ҷамъ мешаванд, ки дар навбати худ метавонанд ба ҷадвалҳои гуногун (ҷадвалҳои комбинатсионӣ, гурӯҳбандӣ ва ғайра) табдил гардонида шаванд.

*Коркарди дуюми* иттилоот - ё маҷмӯъкунӣ - дигаргунсозии маълумотҳои коркарди аввалини иттилоот, яъне, ба даст даровардани нишондиҳандаҳо дар асоси гурӯҳбандии маълумот ё кластербандӣ мебошад. Дар инҷо методҳои тасвири графикии маълумотҳо, ки дар асоси иттилооти аввалия ба мисли фоизҳо,

---

[19] Handbook of public policy analysis: theory, politics, and methods / edited by Frank Fischer, Gerald J. Miller, and Mara S. Sidney, 2007 – p. 349.

чадвалҳо ва шохисҳо таҳия мегарданд, истифода бурда мешаванд. Коркарди дуюми иттилоот дар назар дорад, ки дар асоси чадвалҳои иттилоотӣ графикҳо, диаграммаҳо ва гистограммаҳои таҳлилӣ тартиб дода мешаванд. Мақсад – тасвири иттилоот барои таҳлили ояндаи он мебошад. Дар раванди коркарди иттилоот таҳлилгар бояд аз усулҳои таҳияи графикҳои аналитикӣ васеъ истифода барад. Барои ин таҳлилгар бо намуд, мақсад ва тарзи истифодабарии графикҳо бояд ошно бошад.

Графикҳо якчанд намуд мешаванд:

• таҳлилӣ (гистограммаҳо, майдони тақсимот, сатҳи тақсимот);
• тасвирӣ (диаграммаҳо, қаторҳои вақтӣ);
• сохторӣ (харитаи оморӣ).

Ҳар як намуди график тасвири муайяни маълумотҳоро бодарназардошти омилҳои гуногун пешкаш мекунад, масъалан тамоюли тағйирёбии ҳодисаҳо дар давоми вақти муайян, фарогирӣ, суръати такроршавии ҳодисаҳо ва ғайра инъикос мекунад.




**Расми 5.** *Марҳилаҳои коркарди иттилоот*[20]

Умуман технологияи муосири коркарди иттилоотро ба се марҳилаи асосии зерин тақсим намудан мумкин аст: таҳрири иттилоот, кодиронии иттилоот ва таҳлили оморӣ (расми 5).

1. Мақсади марҳилаи таҳрири иттилоот – омодакунии иттилооте, ки дар пурсишнома сабт шудааст барои интиқоли он ба компютер мебошад. Дар раванди таҳрири иттилоот таҳлилгар бояд дурустии пур кардани пурсишномаро санҷида барояд. Хатогиҳои хосе, ки дар раванди пур кардани пурсишнома таҳлилгар метавонад ба онҳо дучор шавад, инҳо мебошанд: 1 – респонденти лозима дар пурсиш иштирок накард, 2 – пурсишнома пурра ва дақиқ пур нашудааст, 3 - номувофиқии ҷавобҳо, саволҳо нодуруст шарҳ дода шудданд.

[20] Handbook of public policy analysis: theory, politics, and methods / edited by Frank Fischer, Gerald J. Miller, and Mara S. Sidney, 2007 – p. 353.

2. Мақсади марҳилаи кодиронӣ (рамзгузорӣ) – табдили иттилооти ҷамъоварӣ шуда ба иттилооти шакли рақамӣ мебошад. Дар аксар ҳолатҳо, пурсишномаҳо дар марҳилаи таҳияшавӣ кодиронӣ мешаванд ва респондент рамзе, ки ҷавоби ӯро муайян мекунад (рақами ҷавоб), интихоб мекунад. Бо вуҷуди ин, дар саволнома итсифодаи шакли кушодаи саволҳо, ки кодиронии минбаъдаро талаб менамояд, имконпазир аст. Усулҳои зиёди кодиронии иттилоот дар пурсишнома истифода бурда мешаванд. Бештар дар пурсишномаҳо усули кодиронии тартибӣ (рамзгузории тамоми ҷавобҳо аз рӯи як тартибот) ва кодиронии мавқеъӣ (рамзгузории вариантҳои ҳар як ҷавоби алоҳида) истифода бурда мешаванд

3. Дар таҳлили оморӣ чунин усулҳо ба таври васеъ истифода мешаванд:

- таҳлили омилҳо (баҳисобгирии ҳамвобастагӣ дар дохили блоки аломатҳои аслӣ);

- таҳлили кластерӣ (таснифоти объектҳо дар сурати мавҷуд набудани маълумоти пешакӣ ё экспертӣ дар бораи гурӯҳбандии маълумотҳо);

- таҳлили регрессионӣ (муайянкунии вобастагии миқдории нишондиҳандаи миёнаи тағъирёбии як аломат (омил) аз тағйирёбии як ё якчанд аломатҳо (омилҳо)).

Мақсади ин марҳила – таҳлили иттилооти миқдорӣ ва муайян кардани аломатҳои хоси вобастагии ҳодисаҳои мушоҳида мебошад. Дар асоси таҳлили оморӣ маълумот барои қабули қарорҳои идоракунӣ омода карда мешавад.

Шарҳи усулҳои омории таҳлили иттилоот дар зер пешкаши шумо мегардад.

Омор – ин назария ва тартиби таҳлили иттилооти миқдорие, ки дар асоси мушоҳидаҳо ҷамъоварӣ шудааст, бо мақсади омӯзиш ва муқоисаи сарчашмаҳои тафовут дар байни ҳодисаҳо ва пешниҳоди хулосаҳо барои коркарди қарорҳои идоракунии мувофиқ, мебошад.

Ду категорияи калони оморро фарқ мекунанд:

- омори тасвирӣ (descriptive statistics);
- хулосаи оморӣ (inferential statistics).

**Омори тасвирӣ** ба таҳлилгарони соҳаи сиёсӣ барои ба таври самаранок ва дақиқ ҷамъбаст намудани иттилоотӣ ҷамъоварӣ шуда имконият медиҳад. **Хулосаи оморӣ** истифодаи усулҳои миқдорӣ барои оид ба маҷмӯи оморӣ дар асоси намунаи муайян хулоса баровардан, имконият медиҳад.

Омори тасвирӣ намунаи муайяни мушоҳидашавандаро шарҳ, тасвир медиҳад. Дар инҷо таҳлилгар танҳо гурӯҳи манфиатнокро интихоб намуда, маълумотро дар бораи аъзоёни гурӯҳ сабт менамояд, сипас барои муаррифии хосиятҳои гурӯҳ ҷадвал ва графикҳоро таҳия месозад. Дар омори тасвирӣ ягон номуайянӣ вуҷуд надорад, чунки таҳлилгар танҳо ҳамон одамон ва предметҳоро тасвир мекунад, ки дар мушоҳидаи оморӣ қарор дошта буданд. Дар омори тасвирӣ хулосаҳо оид ба хусусиятҳои маҷмӯи калони ҳодисаҳо пешкаш намегардад, дар инҷо интихоби мушоҳида маҳдуд аст.

Барои интихоби техникаи дуруст, таҳлилгарон бояд мақсадҳои тадқиқот, андозаи интихоби оморӣ, тақсимоти додаҳо, шумораи тағйирёбандаҳои мустақил ва ғайримустақил ва намуди меъёри ченакҳо, ки аз тарафи тағйирёбанда истифода мешаванд бояд ба инобат гирад.

Омори тасвирӣ се усули ҷамъбасткунии маълумоти асосиро дарбар мегирад:

- ҷадвалсозӣ;
- тасвири графикӣ;
- ҳисоб кардани бузургиҳои оморӣ.

Ҷадвали оморӣ - системаи сатр ва сутунҳоро ташкил мекунад, ки дар он тибқи пайдарпаии муайяни маълумотҳои оморӣ дар бораи ҳодисаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ пешкаш мешаванд. Графикҳо ва диаграммаҳо фарқияти байни зергурӯҳҳоро нишон медиҳанд.

Бузургиҳои оморӣ ба якчанд намуд ҷудо мешаванд: нисбӣ, мутлақ, миёна, мода, медиана.

**Бузургиҳои мутлақ**

Натиҷаҳои мушоҳидаи оморӣ ва маълумотҳои ҷамъбастӣ (оморӣ) гурӯҳбандии он бевосита ба бузургиҳои (нишондиҳандаҳои) мутлақ ифода меёбад.

Нишондиҳандаҳое, ки миқдори (ҳаҷму дараҷаи) ҳодисаҳои конкретиро (дақиқро) бо воҳидҳои ченаки вазн, сатҳ, ҳаҷм, қувва, арзиш ва ғайра ифода мекунанд, бузургиҳои омории мутлақ номида мешаванд.

Масалан, дар соли 2016 дар ҷумҳуриамон 17152 ҳаз. КВТ соат қувваи барқ, 438525 тонна пахта, ва ғайра истеҳсол карда шудааст. Ин нишондиҳандаҳо бузургиҳои омории мутлақ мебошанд.[21]

**Бузургиҳои нисбӣ**

Муқоисакунӣ тарзи асосии баҳодиҳӣ ба ҳодисаҳо, маълумотҳои оморӣ ва қисми таркибии тамоми Методҳои (усулҳои) таҳлили онҳо мебошад. Аммо муқоисаи мутлақи ду бузургие, ки дар боло гузаронида шуд барои баҳодиҳии таносуби онҳо кифоя намебошад. Ин таносубро андоза кардан ҳам лозим нест. Роли андозаи таносубро бузургиҳои нисбӣ иҷро мекунанд.

Дар воқеъ, мо метавонем муайян кунем, ки истеҳсоли ангиштсанг дар ҷумҳуриамон дар соли 2016 – ум нисбат ба соли 2015 – ум ба 1,18 баробар афзудааст. Нишондиҳандаҳои ҷамъбасткунандае, ки таносуби миқдории ба ҳодисаҳои ҷамъиятӣ конкретӣ (дақиқ) хос бударо ифода мекунанд, бузургиҳои нисбии оморӣ ном доранд. Бо ёрии бузургиҳои нисби муқаррар карда мешаванд, ки як бузургии мутлақ нисбат ба дигари он чанд маротиба калонтар ё хурдтар аст.

**Бузургиҳои миёна**

Хислати махсуси бузургиҳои миёнаи оморӣ аз он иборат аст, ки дар онҳо фарқияти индивидуалии (алоҳидавии) аломатҳои воҳидҳои ҷудогонаи маҷмуъи омӯхташаванда дар байни ҳамдигар бо эътибор мегарданд, яъне фарқу майлонҳои индивидуали (алоҳидавӣ) дар байнашон барҳам мехӯрад ва ин ҳолат ба мо имконият медиҳад, ки ба ҷиҳат ва хусусиятҳои умумии ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, қонунияти тараққиёти онҳо тафсилот диҳем.[22]

**Миёнаи арифметикӣ**

Дар омор миёнаи арифметики намуди аз ҳама паҳн гардидатарини бузургиҳои миёнаи мебошад. Бо тарзи ҳисоб кардани миёнаи арифметикӣ ба воситаи формулаи зерин шинос мешавем.

$$\overline{X}ap_1 = \frac{x_1 + x_2 + x_3 + ... + xn}{n} = \frac{\Sigma x}{n};$$

Формулаи навишташуда (1) формулаи миёнаи арифметикии содда (авсати соддаи ҳисобӣ) номида мешавад. Ҳангоми ҳисоб кардани он ду амалиёт гузаронида мешавад:

[21] Зарипов Э.Ш., Садиова Д.А. Назарияи умумии омор / Э.Ш. Зарипов, Д.А. Саидова. – Душанбе, 2006. –с. 70.
[22] Зарипов Э.Ш., Садиова Д.А. Назарияи умумии омор / Э.Ш. Зарипов, Д.А. Саидова. – Душанбе, 2006. –с. 71.

1. Ҳосили ҷамъи қимати индивидуалии аломатҳо ёфта шуда;
2. Ҳосили ҷамъ ба адади қиматҳо тақсим карда мешавад.

Бузургиҳои миёнаи геометрӣ

Дар мавридҳои муайян намудани коэффитсиентҳои ва суръати пешрафт ба кор бурда мешаванд.

Формулаи миёнаи геометрии оддӣ шакли зерин дорад:

$$\bar{X}геом = \sqrt[n]{x_1 * x_2 * x_3 * \ldots x_n},$$

Дар ин ҷо:
x- вариантҳо
n – шумораи вариантҳо.

**Мода ва медиана**

Мода – ин бузургии варианте, ки дар қатори вариатсионии бисёртар такрор мешавад. Мода – дар назарияи эҳтимолият ва омор, яке аз хусусиятҳои тақсимотӣ; ифодаи бузургии тағйирёбанда, ки нисбатан бештар дучор меояд, дар назар дошта мешавад. Медиана (аз лотинӣ mediana - миёна) дар омори математикӣ – миқдор ва хусусияти интихобро (масалан интихоби ададҳоро) Медиана – ин бузургии аломате, ки қатори вариатсиониро ба ду қисм ҷудо мекунад.[23]

Формулаи мода:

$$M_0 = x_0 + K\frac{(f_0 - f_1)}{(f_0 - f_{-1}) + (f_0 - f_{+1})}$$

Дар н ҷо:
$M_0$ - мода
$X_0$ – аввали интервали мода
K - бузургии интервали мода
$F_0$ – суръати интервали мода
$f_{-1}$ – суръати интервали модаи пешгузашта
$f_{+1}$ – суръати интервали модаи навбатӣ

Формулаи медиана:

$$Md = X_0 + i\frac{(x_1 - x_0)K}{f}$$

Дар ин ҷо:
$M_d$ - медиана
$X_0$ – авали интервали медиана
$X_1$ – охири интервали медиана
f – суръати интервали медиана
K – миқдори воҳид, ки то номери медиана намерасад.
i – интервали медиана

Фаҳмиш оиди **вариатсия**, нишондиҳандаҳо ва усулҳои таҳлили қаторҳои вариатсионӣ.

Бузургии миёна, ки хулосаи умумии маҷмӯъҳоро умуман ё ки қисмҳои алоҳидаи онро тавсиф медиҳад, бояд бо нишондиҳандаи вариатсия илова карда шаванд.

Зарурияти илова намудани ин нишондиҳандаи (вариатсия) миёна аз он иборат аст, ки дар ҳангоми таҳлили ҳодисаҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ омор ба ҳодисаҳое дучор мешавад, ки онҳо майлоннок буда ва дар ҳолати инкишоф

[23] Ҳамон ҷо. – с. 76-77.

мебошанд. Омӯхтани вариатсия барои таҳлили ҳаматарафаи ҳодисаҳои иқтисодӣ ва протсесҳо барои ошкор намудани унсурҳои нав ва прогрессивӣ заруранд. Вариатсия гуфта, ин майлони микдории қимати аломатҳоро меноманд, ки ҳодисаҳои иҷтимоӣ – иқтисодиро аз як ҳодисаи ягона бо дигараш инъикос мекунад. [24]

Азбаски вариатсияи (майлони) аломатҳо бо бузургиҳои гуногунқимат мансубанд, зарурияти андозагирии онҳо ба миён меояд.

Омор нишондиҳандаҳои зерини андозагирии майлон (вариатсия) аломатҳоро ба кор мебарад: фарохии вариатсия, майлони хаттии миёнаи майлкунанда (дисперсия), майлони квадрати коэффитсиенти (зариби) вариатсиянокӣ.

**Фарохии вариатсия**. Ин фарқи байни маҷмӯи аломатҳои максималӣ ва минималӣ мебошад. Ҳаҷми вариатсия ҳадди майлони аломатро нишон медиҳад. Масалан, музди кори коргарон. 550, 670, 830, 900 сомонӣ мебошад. Фарохии вариатсия ба 350 сомон баробар аст (900-550). Ин ба мо нишон медиҳад, ки қиммати майлони музди кор 350 сомониро ташкил медиҳад. Камбудии ин нишондиҳанда аз он иборат мебошад, ки майлони дохилии аломатро нишон дода наметавонад. [25]

Майлони хаттии миёна. Бузургии миёнаи майлон (авсати майлон), майлони хаттии миёна номида мешавад.

Формулаи майлони хатти миёна чунин аст:

$$\overline{X} = \frac{(x_1 - \overline{x})f_1 + (x_2 - \overline{x})f_2 + ........ + (xn - \overline{x})fn}{f_1 + f_2 + ........... + fn} = \frac{\Sigma(x - \overline{x})f}{\Sigma f}$$

Квадрати миёнаи майлкунанда, майлонҳои ба квадратбардошташуда аз миёнаи арифметикӣ мебошад. Дар вақти ҳисоб кардани дисперсия майлкунии аломатҳо ва миёнаи квадратии ин майлкуниҳо ёфта мешавад.

Решаи квадрати **дисперсия** миёнаи квадрати майлкунанда номида мешавад.

$$\sigma = \sqrt{\frac{\Sigma(x - \overline{x}^2)^2 f}{\Sigma f}}.$$

## 2.4 Муайянкунии сарчашмаҳои иттилоот ва баҳодиҳии дараҷаи дастрасии онҳо

Мониторинг ва баҳодиҳӣ ба иттилооти дастрас, муътамад, саривақтӣ ва муҳим бояд асос ёбад. Сарчашмаи иттиллот – ин тамоми маълумотест, ки шомили ҳуҷҷатҳои нақшавӣ, ғайринақшавӣ ва ҳисобдории зарурӣ барои қабули тасмимҳои идоракунӣ мебошанд.

Азбаски модули мазкур ба омӯзиши масъалаҳои мониторинг ва баҳодиҳии маблағгузории молиявӣ равона шудааст, дар ин самт омӯзиши сарчашмаҳои иттилоотии нақшавӣ, ҳисоботӣ ва ғайриҳисоботии зериин тавсия дода мешавад.

Дар байни сарчашмаҳои иттилооти нақшавӣ асосан нақшаҳои стратегӣ, тактикӣ, амалиётӣ ва дигар маводҳои меъёрию ҳуқуқие, ки соҳа ё проблемаи мазкурро ба танзим медарорад дохил мешавад (расми 6).

---

[24] Зарипов Э.Ш., Садиова Д.А. Назарияи умумии омор / Э.Ш. Зарипов, Д.А. Саидова. – Душанбе, 2006. –с. 88.
[25] Ҳамон ҷо.

Тавре, ки аз расми 6 бар меояд, таҳлилгар дар марҳилаи аввали тадқиқот ҳатман бояд бо ҳуҷҷатҳои стратегии рушди соҳа шинос гардад.

**Сарчашмаи иттилооти нақшавӣ**
**(нақшаҳои стратегӣ, тактикӣ, амалиётӣ, маводи меъёрӣ, техникӣ ва вазифаҳои лоиҳавӣ)**

- Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
- Стратегияри рушди соҳаи тандурустӣ барои солҳои 2016-2020
- Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020
- Дастурамал оид ба ташаккули самтҳои асосии сиёсати молиявии буҷети давлатии ҶТ барои солҳои 2018-2020
- Дастурамал оид ба ташаккул ва тадбиқи барномаи миёнамуддати хароҷоти давлатӣ дар Вазорати молияи ҶТ
- Дастурамал оид ба ташаккули  буҷети давлатӣ барои солҳои 2018-2020  (фазаҳои-I ва II)
- Нишондодҳои методологӣ оид ба таҳияи Нақшаҳои стратегии соҳавӣ
- Раҳнамо оид ба таҳияи дархостҳои авлавиятҳои буҷетӣ
- Раҳнамо оиб ба буҷетбандии барномавӣ
- Раҳнамо оид ба ташаккули таҳкурсии буҷет (http://minfin.tj)

**Расми 6.** *Сарчашмаи иттилооти нақшавӣ*

Мақсад – шиносоӣ бо ҳадафу вазифаҳои ниҳоӣ ва мобайнии рушди соҳа, муайянкунии маҳакҳои ислоҳоти соҳа, гузаронидани таҳлили функсионалии вазифаҳои ташкилотҳои давлатӣ ва сохторҳои алоҳидае, ки дар ислоҳоткунии соҳа ҷалб шудаанд ва вазифагузорӣ гаштанд ба ҳисоб меравад.

Муҳим аст, ки таҳлилигар бояд донад, ки ҳар як вазорат ва ташкилоти давлатии алоҳида бевосита бо мақсади рушди соҳаи хеш бахри расидан ба ҳадафҳои рушди стратегиияи миллие, ки аз Стратегияи милли рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 бар меоянд, стратегяи рушди соҳаи худро омода кардааст ва маҷмӯи ислоҳотҳо ва тамоюлҳои инкишофи ин мақомот ба он ҳадафҳо мувофиқат мекунанд. Аз ин сабаб омӯзиши асноди меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳа ҳамчун қадами аввалини мониторинг ва баҳодиҳӣ ба ҳисоб меравад.

Ба сарчашмаи дуюми иттилооти мониторинг ва баҳодиҳӣ ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ, оморӣ, буҷетӣ ва амалиётии соҳавӣ дохил мешаванд (расми 7).

Таҳлили маълумоти оморӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои давлатӣ ҷамъоварӣ ва нашр мегардад ба сарчашмаи дуюми иттиллоот, ки дар мониторинг ва баҳодиҳӣ истифода бурда мешавад, дохил мешавад. Албатта ба таҳлилгар тавсия дода мешавад, ки сараввал бо ҷустуҷӯи маълумоти оморӣ ва ҳисоботие, ки ҳолати фаъолият ва рушди соҳаро муайян мекунад, машғул гардад.

**Сарчашмаи иттилооти ҳисоботӣ**
**(муҳосибавӣ, оморӣ, амалиётӣ, ҳисоботдеҳӣ, ҳуҷҷатҳои буҷетӣ)**

- Маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон http://stat.tj
- Маълумоти омории Бонки миллии Тоҷикистон http://nbt.tj
- Нишодиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромади буҷети давлати ҶТ ва нишондиҳандаҳои ниҳоии хароҷот дар соҳаҳо барои солҳои 2020-2022
- Лоиҳаи Қонуни ҶТ оид ба буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021
- Буҷети шаҳрвандии соли 2020
- Ҳисобот оид ба иҷроиши буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар чорякҳои 1,2,3 ва4)
- Шарҳи нимсола оид ба иҷроиши буҷети давлатии ҶумҳурииТоҷикистон дар соли 2020
- Ҳисоботи солонаи иҷроиши буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 (http://minfin.tj)

**Расми 7.** *Сарчашмаи иттилооти ҳисоботӣ*

Дар қатори сарчашмаҳои иттилооти ҳисоботӣ якчанд маълумотҳои оморӣ ва ҳисоботҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату ташкилотҳои давлатиро фарқ крдан лозим аст.

Махсусан бояд донист, ки тадқиқи раванди идораи молияи давлатӣ на танҳо дар асоси маълумотҳои оморӣ, балки ҳуҷҷатҳои расмии буҷетие, ки аз ҷониби иштироккунандагони раванди таҳия, қабул, иҷроиш ва назорати молияи давлатӣ ва маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд амалӣ гардад. Ва дар ин ҷода омӯзиши ҳафт ҳуҷҷати асосии буҷетие, ки тамоми марҳилаҳои раванди буҷетиро инъикос мекунанд муҳим мегардад, аз ҷумла: нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ, лоиҳаи буҷет, буҷети тасдиқшуда, ҳисоботҳои ҷорӣ, нимсола, солона ва ҳисобти аудиторӣ.

Мақсади таҳлили сарчашмаҳои иттилоотии ҳисоботӣ - ҷамъоварии маълумоти эмпирикие, ки вазъ ва ҳолати кунунии рушди соҳаро тасвир мекунад. Дар асоси ингуна маълумотҳо таҳлилигар метавонад таҳлили оморӣ гузаронида проблемаҳои рушди соҳаро ошкор намояд. Аммо бояд донист, ки мониторинг ва баҳодиҳӣ бо ҷамъ ва таҳлили маълумоти оморӣ ва ҳисоботӣ ба анҷом намерасад, тавсия дода мешавад, ки таҳлилгар ҳатман маълумоти заруриро аз сарчашмаи аввалия бо тариқи пурсиш ё мушоҳида ҷамъ намояд.

Сеюм манбаи иттилоотие, ки дар мониторинг ва баҳодиҳӣ соҳаи идораи молияи давлатӣ метавонад муфид гардад ин иттилооти ғайриҳисоботӣ мебошад (расми 8).

**Сарчашмаи иттилооти ғайриҳисоботӣ**
**(меъёрҳои (стандарт) миллӣ ва байналмилаӣ):**

- ХБА (МВФ): Кодекси таҷрибаи шоиста оид ба шаффофияти сиёсати молиявӣ ва қарзию пулӣ-Эломияи қоидаҳо https://www.imf.org
- ХБА: Раҳнамо оид ба шаффофияти буҷет https://www.imf.org
- ХБА: Раҳнамо оид ба шаффафоияти молиявӣ https://www.imf.org
- INTOSAI: Кодекси ахлоқ ва меъёрҳои аудит www.intosai.org
- Эълоимияи Лим оид қоидаҳои раҳбарикунадаи аудит www.worldbank.org
- ОЭСР: Таҷрибаи беҳтарини ОЭСР доир ба шаффрфияти буҷет https://www.oecd.org
- Табақабандии вазифаҳои мақомоти идоракунии давлатӣ (COFOG) https://www.pempal.org
- СУС (ВТО): Муоҳада оид ба харидҳои давлатӣ www.ictsd.org
- Эъломия Аруши Созмони умумиҷаҳонии гумрук www.wcoomd.org
- Меъёри байналмилалии додаҳои боз оид ба шартномаҳо www.open.gov.ru

**Расми 8.** *Сарчашмаи иттилооти ғайриҳисоботӣ*

Мақсади ҷустуҷӯи иттилоотӣ ғайриҳисоботӣ – шиносоӣ бо стандартҳои байналмилалии танзимкунандаи соҳаи идораи молияи давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин марҳила таҳлилгар бояд донист, ки аз ҷониби ташкилотҳо ва созмонҳои молиявию қарзии бонуфузи байналмилалӣ як қатор стандартҳои байналмилалие, ки тақсимоти функсионалии хадамоти давлатӣ, вазифаҳои ҳукуматӣ, таъмини самаранокии фаъолияти молияи давлатӣ, гузариш ба низоми нави буҷеткунонии барномавӣ, таъмини ошкорбаёнии буҷет ва як қатор дигар самтҳои муосири ислоҳоткунонии соҳаи молия таҳия карда шудаанд. Ва ҳангоми коркарди тавсияҳо дар соҳаи молияи давлатӣ тавсия дода мешавад, ки маҷмуи пешниҳодҳо ба тадбиқи стандартҳои байналмилалӣ равона карда шаванд.

Дар қатори сарҷамшаҳои нақшавӣ, ҳисоботӣ ва ғайриҳисоботӣ ба таҳлилгар омӯзиши сарчашмаҳои иттилоотӣ барои коркарди тавсияҳо дар асоси ташаббусҳои глобалӣ тавсия дода мешавад. Ба ингуна сарчашмаҳо дохил мешаванд:

- Ташаббуси глобалӣ оид ба шаффофияти молиявӣ (GIFT) http://www.fiscaltransparency.net. Ин ташаббус шабакаи глобалии ташкили муколама байни ҳукуматҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, бахши хусусӣ ва дигар ҷонибҳшои манфиатдор дар роҳи ҷустуҷӯй ва мубодилаи роҳҳои ҳалли проблемаҳои таъмини шаффоияти буҷет ва имконияти иштироки ҷомеа шаҳрвандӣ дар раванди буҷетӣ мебошад.
- Ҳаракати глобалии ҷомеаи шаҳрвандӣ барои шаффофияти буҷет, масъулияти ҳисоботпазирӣ ва иштирок: http://www.internationalbudget.org. Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011 азъои Шарикии байналмилалии буҷетӣ гашт. Ҳадафи Шарикии байналмилалии буҷетӣ – ташкили ташаббусҳои таъмини шаффофияти

буҷети давлатӣ ва иштироки ҷомеа дар раванди банақшагирӣ, тасдиқ ва иҷроиши буҷет бо мақсади равона кардани буҷет ба эҳтиёҷоти мардум мебошад. Дар сомонаи Шарикии байналмилалии буҷетӣ пойгоҳи додаҳои боз оид ба раванди буҷетӣ ва ҳуҷҷатҳои буҷетие зиёда аз 110 давлатҳои дунё, ки дар ташаббуси тадқиқоти шаффофияти буҷети давлатӣ иштирок менамоянд, ҷойгир карда шудааст. Ин пойгоҳи додаҳо сарчашмаи иттилоотӣ зарурӣ барои омӯзиш, муқоиса ва татбиқи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ бахри таъмини шаффофияти буҷети давлатӣ ба ҳисоб меравад.

- Шарикии ҳукумати кушода https://www.opengovpartnership.org . Шарикии «Ҳукумати кушода» - ташаббуси бисёрҷонибаи ба таъмнии иҷроиши уҳдадориҳои муайяни давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани шаффофият, вусъат намудани имкониятҳои шаҳрвандон, мубориза бар зидди коррупсия ва истифодабарии технологияҳои навин барои таҳкими низоми кушодаи давлатдорӣ мебошад. Дар сомонаи ин ташкилот як қатор васоити методӣ, стандарт ва тавсияҳо оид ба ташкили самти фаъолияти кушодаи ҳукумат оварда шудааст, ки метавонад ба таҳлилгар муфид гардад.
- Ҳаракат оид ба мубориза бо коррупсия (Transparensy International) https://www.transparency.org. Дар сомонаи ташкилоти мазкур таҳлилгар метавонад тамоми маводи ёрирасон оид ба стандартҳо, нақшаҳои амал ва барномаҳои мубориза бар зидди коррупсия ва таъмини шаффофияти идораи давлатӣ ва маҳаллӣ пайдо намояд. Ҳамасола ташкилоти мазкур тадқиқот оид ба сатҳи инкишофи коррупсия дар давлатҳои дунё нашр мекунад, ки манбаи хуби иттилоотиро ташкил менамояд.
- Ташаббуси шаффофияти соҳаҳои истихроҷ https://eiti.org. Ташаббуси шаффофияти соҳаҳои истихроҷ маълумот оид ба сохтори истихроҷи давлатҳои гуногун, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Дар сомонаи мазкур маълумот оид ба вазъи фаъолият ва рушди соҳаи стихроҷ ва натиҷагирии татбиқи чораҳои зарурӣ оид ба таъмини шаффоият ва ҳисоботдиҳӣ дар соҳа истихроҷ оварда шудааст.
- Ташаббуси глобалии додаҳои боз https://okfn.org. Таъмини додаҳои боз яке аз омилҳои ҳатмии гузариш ба ҳукумати электронӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ—иртиботӣ дар соҳаи идораи давлатӣ ва маҳаллӣ мебошад. Аз ин ҷумла маълумоти методӣ ва стандартӣ оид ба ташкили додаҳои боз, формати ҷойгиркунии ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳо дар сомонаҳои давлатӣ ва ғайра, ки дар сомонаи ташкилоти мазкур ҷойгир шудааст барои барҳе таҳлилигарон муфид хоҳад буд.

  ва ғайра.

Илова бар ин дар мониторинг ва баҳодиҳӣ чун идоракунии лоиҳаҳо дараҷаи муқоисаи маълумотҳо бо вазъи пешина дар самтҳои алоқаманд хеле муҳим ҳисобида мешавад. Бинобар ин тавсия дода мешавад, ки сарчашмаҳои зерини иттилоотӣ, ки тадқиқотҳои аз ҷониби коршиносони ватанию хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашударо дарбар мегирад, мутолиа намояд, аз ҷумла:

- Тадқиқоти индекси шаффофияти буҷети Тоҷикистон – 2017 http://www.internationalbudget.org
- Индекси шаффофияти буҷетҳои маҳалӣ: дар мисоли 20 ноҳияи пилотии Ҷумҳурии тоҷикистон – 2018 http://www.osiaf.tj

- Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ дар Тоҷикистон: Ҳисобот оид ба иштироки бенефитсиарӣ -2015 https://eiti.org
- Арзёбии талабот, манфиат ва мушкилоти ҷомеаи Тоҷикистон, ки ба идоракуни молияи давлатӣ ва равандҳои буҷетӣ алоқамананд – 2018 http://www.osiaf.tj
- Таҳлили ҷанбаҳои асосии ҳуқуқӣ оид ба додаҳои шахсӣ-2016 http://cipi.tj
- Арзёбии омодагӣ барои истифода аз додаҳои бози Тоҷикистон - 2015 http://cipi.tj
- Таҳлили шаффофияти буҷет ва равандҳои буҷет дар ҶумҳурииТоҷикистон -2013 http://tfd.tj
- БУ(ВБ): Арзёбии хароҷоти давлатӣ ва ҳисоботпазирии (зерҳисобият) молиявӣ (PEFA) - 2017 https://pefa.org/country/tajikistan ва ғайра.

Ҳамин тариқ дар ҷамъбасти масъала бояд зикр намуд, ки ҷустуҷӯӣ сарчашмаҳои гуногуни иттилоот аз мақсад ва вазифаҳои гузошташуда вобастагии калон дорад ва таҳлилгар бояд ҳатман маълумотит тоза, дуруст, шаффоф ва аз сарчамшмаҳои расмӣ ба даст дарорад, то ки арзёбии натиҷаҳои таҳлил ассоснок бошад.

## 2.5. Ташкил ва баргузории мониторинг ва баҳодиҳии лоиҳа, омодасозии ҳисобот

Яке аз шартҳои асосии ташкили низоми МваБ дар муайянкунии мушаххаси мақсад ва вазифаҳои он дида мешавад. Коршинос бояд донист:

• МваБ барои ба омӯзиши таҷрибаи лоиҳаи анҷомёфта бо мақсади истифодаи он дар лоиҳаҳои оянда муфид аст.

• Истифодабарии усулҳо ва ҷалби захираҳо барои ташкили МваБ аз мақсади гузошташуда вобастагии калон дорад.

Ба қадамҳои асосии МваБ дохил мешаванд:

• Муайянкнуии мақсад, вазифаҳо ва нишондиҳандаҳои асосии МваБ.

• Таҳияи “супориши техникӣ” МваБ.

• Мувофиқаткунонии усулҳои ҷамъоварии иттилоот ва респондентҳои асосӣ бо фармоишгарон.

• Гузаронидани МваБ – ҷамъоварии иттилоот.

• Таҳлили иттилооти ҷамъгашта.

• Омодакунии ҳисобот аз рӯи натиҷаҳои МваБ.

Бо мақсади самаранок ташкил ва баргузории низоми МваБ коршинос бояд нақшаи умумии мониторинг ва баҳодиҳиро донист, то ки тавонанд предмети МваБ-ро дуруст муайян менамояд.

Бояд донист, ки дар низоми МваБ **панҷ маҳаки баҳодиҳӣ** истифода бурда мешавад, аз ҷумла:[26]

- ✓ **Натиҷагирӣ** – маҳаке, ки натиҷаҳои МваБ-ро бо захираҳои сарфшуда ё хароҷтҳои он муқоиса менамояд. Маҳаки зерин ба масъалаи мазкур посух мегардонад: “То чӣ андоза захираҳои МваБ барои ба даст даровардани мақсадҳои он бо тарзи оптималӣ ва самаранок сарф шуданд?”.
- ✓ **Самаранокӣ** – ба саволе посух медиҳад, ки то чӣ андоза фаъолияти МваБ барои ба даст даровардани натиҷаҳои интизории он мусоидат намуд.

[26] Руководство по мониторингу и оценке (МиО) проектов/программ. Международная федерация обществ Красного Креста и Красного Полумесяца. – Женева, 2011. – с. 61-63.

Саволе ки дар ин маҳак гузошта мешавад: “Оё бо таввасути дигар натиҷагириҳо мо метавонистем, ки самараи МваБ-ро беҳтар намоем?”.

- ✓ **Таъсирпазирӣ** – чигуна тағйиротҳое, ки дар натиҷаи иҷроиши МваБ ба даст даровварда мешаванд ба ҳайёти одамон (бо назардошти ҷинс, сину сол, баромади иҷтимоии аҳолӣ) таъсир мерасонанд.
- ✓ **Мувофиқат** – то кадом андоза мақсаду вазифаҳои МваБ ба афзалиятҳои гурӯҳи мақсаднок мувофиқат мекунанд. То чӣ андоза чорабиниҳо ва усулҳои иҷроиши МваБ барои ба даст даровардани мақсаду вазифаҳои гурӯҳи мақсаднок равона шудаанд?
- ✓ **Устуворӣ** – то чӣ андоза тағйиротҳое, ки дар натиҷаи МваБ ба вуҷуд меоянд усутвор мемонанд ва ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум таъсир мерасонанд? Се масъалаи асосии ин марҳила мавриди таҳлил қарор мегирад – дастгирии молиявии оянда, фаъолияти МваБ пас аз анҷоми маблағгузорӣ, дастгирии ояндаи ҷонибҳои манфиатдор ва дастгирии ҳукумат.

**Супориши техникӣ барои ташкил ва баргузории МваБ**

Барои дар сатҳи лозима ташкил ва баргузории МваБ бояд супориши техникӣ омода намуд. Супориши техникӣ барои дарки объект ва предмети мониторинг ва нақши коршиносон дар баргузории МваБ хизмат мекунад. Бо ибораи дигар супориши техникӣ ин дастури вазифавии коршинос барои ташкил ва баргузории МваБ мебошад. Супориши техникӣ иттилооти умумӣ оид ба МваБ, вазифаҳо ва миқёси мониторинг, методология, нақшаи баргузорӣ мониторинг, натиҷаҳои интизорӣ, ва хароҷотҳои лозимаро дар бар мегирад.

Асосан дар супориши техникӣ усулҳои МваБ оварда мешаванд, ки сараввал онҳо бояд бо фармоишгарони МваБ мувофиқат карда шаванд, масъалан сохтори пурсишнома, усулҳои ҷамъоварии иттилоот, муайянкунии гурӯҳи мақсаднок ва ҳоказоҳо. Коршиносон бо дарназардошти мақсаду вазифаҳои МваБ усулҳои ташкил ва баргузории онро муайян мекунанд. Шакли асосии таҳияи супориши техникӣ барои ташкил ва баргузории МваБ дар ҷадвали зерин оварда шудааст (ҷадвали 10).

**Ҷадвали 10.**

**Шакли таҳияи супориши техникӣ барои ташкил ва баргузории МваБ**

| Р\т. | Сохтор |
|---|---|
| 1. | **Иттилооти умумӣ.**<br>• Номи лоиҳа ва шарҳи мухтараси он |
| 2. | **Вазифаҳо ва масштаби ташкил ва баргузории МваБ**<br>• Мақсади МваБ<br>• Вазифаҳои мушаххаси МваБ - ба кадом саволҳо МваБ бояд посух гардонад, масъалан:<br>• Оё фаъолияти МваБ ва мақсадҳои он ба ҳалли масъалаҳои гузошташуда равона мегарданд?<br>• Оё иҷроиши вазифаҳои лоиҳа барои ба даст даровардани мақсади он равона мегардад?<br>• Оё чорабиниҳои лоиҳа ба вазифаҳо ва мақсадҳои интизории лоиҳа мувофиқат мекунад?<br>• То чӣ андоза низоми МваБ самаранок ва устувор мебошад? |
| 3. | **Методология** |

| | |
|---|---|
| | • Кӣ бояд методологияи МваБ муайян намояд – коршинос, роҳбари лоиҳа, ҷонибҳои манфиатдор?<br>• Чӣ гуна методологияи МваБ пешниҳод карда мешавад? Сатҳи иштирок, одамон ва гурӯҳҳои мақсадноке, ки дар МваБ иштирок мекунанд, воситаҳои ҷамъоварии иттилоот, интихоби респондентҳо ва ҳоказоҳо. |
| 4. | **Реҷаи баргузории МваБ**<br>• Таърихи рӯз барои муҳокимаи методология<br>• Таърихи рӯз барои ҷамъоварии иттилоот<br>• Таърихи рӯз барои пешниҳоди ҳисоботи аввалин, марҳилавӣ ва ҷамъбастӣ<br>• Реҷаи мушаххаси вохуриҳо,бо кӣ, кай, дар куҷо. |
| 5. | **Идоракунии ҷараёни МваБ**<br>• Корманди маъсул барои фармоиш ва тасдиқи корҳо<br>• Корманди масъул барои тамос оид ба масъалаҳои корӣ<br>• Корманди масъул барои ташкили чорабиниҳои гуногун мисли ташкили вохуриҳо, сафарҳо, иҷораи мехмонхонаҳо ва ҳ. |
| 6. | **Натиҷаи интизорӣ**<br>• Ташкили алоқа бо ҳамкор<br>• Шакли ҳисоботи ҷамъбастӣ<br>• Коркарди тавсияҳо барои гурӯҳҳои мақсаднок<br>• Коршиносони масъул барои тафтиши ҳисобот ва пешниҳоди тавсияҳо |

Вазифаи асосии мониторинг ин назорати нишондиҳандаҳои лоиҳа мебошад. Аз ҳамин сабаб тадбиқи низоми МваБ дар навбати худ тақозо менамояд, ки усули самараноки МваБ дар шакли ҷадвали муайян, барои пайгирӣ намудани тағйирёбии нишондиҳандаҳои иҷроиши лоиҳа таҳия карда шавад. Ҷадвали мазкур давраи ҷамъоварии иттилоотро ҳар семоҳа ё ҳар нимсола муайян карда метавонад. Ҷадвал барои муайянкунии дараҷаи иҷроиши нишондиҳандаҳо, тафовут байни вазъи воқеъӣ ва нақша барои қабули қарорҳои идоракунии зарурӣ хизмат мекунад. Ҳамчунин маълумоте, ки дар ҷадвал инъикос мегардад барои омодасозии ҳисоботҳои таҳлилӣ мусоидат менамояд.

**Барои мониторинги лоиҳаҳо дар доираи сиёсати давлатии пешгирии бемории коронавирус (Covid-19)**, ки ба инкишофи зерсохтори ташкилотҳои соҳаи тиб равона шудаанд истифодабарии варақаҳои баҳодиҳӣ дар шакли ҳисоботҳо беҳтар аст. Аммо, барои мониторинги лоиҳаҳои зерсохторӣ, ки дар он на танҳо намояндагони лоиҳа, балки намояндагони мақомоти давлатӣ ва гурӯҳҳои мақсаднок иштирок менамоянд ташкили гурӯҳи мониторингӣ иборат аз ҷонибҳои гуногуни манфиатдор мақсаднок дониста мешавад. Гурӯҳи мониторингӣ бо роҳи мушоҳидат метавонад давра ба давра маълумотро ҷамъоварӣ карда феҳристи баҳогузориро пур намояд. Ва натиҷаҳои мониторингро бо таввасути алоқаҳои хеш метавонад ба доираи васеъи аҳолӣ, мақомоти давлатӣ ва донорҳо дастрас намояд.

Дар умум агар мониторинг аз рӯи якчанд нишондиҳандаҳои лоиҳа гузаронида шавад, ҳисоботи кӯтоҳро аз рӯи натиҷаи мониторинг омода кардан мумкин аст, ки дар он маълумот оид ба рафти иҷрои лоиҳа, пешравӣ, дастовардҳо ва мушкилотҳои он метавонанд таҷассум гарданд. Ҳисоботҳо оид ба натиҷаи мониторинг бояд кӯтоҳ бо дар назардошти пешниҳоди хулосаҳои асосӣ ва тавсияҳое, ки бояд нишон диҳанд оё лоиҳа тибқи ҳадафҳои гузошташуда амалӣ шуда истодааст ё на, вагарна тафовутҳо ва мушкилотҳо амалишавии лоиҳа ба

вуҷуд омода бошанд сабабҳои ба вуҷуд омадани онҳо аз чӣ иборат аст ва чи тавр онҳоро бояд бартараф намуд (нигаред ба ҷадвали 11).

**Ҷадвали 11.**

**Рафти мониторинги лоиҳаҳои маблағгузории зерсохтори бунгоҳҳои тиббӣ барои баланд бардоштани иқтидори онҳо дар пешгирии бемории сироятӣ**

| **Номи лоиҳа:** Мониторинги маблағгузории лоиҳаҳои соҳаи тандурустӣ, ки ба пешгирии бемории коронавирус равона шудаанд | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Объекти мониторинг:** Бунгоҳи тиббии ҷамоати Навобод | | | | |
| **Вилоят, шаҳр, ноҳия, ҷамоат:** Ҷамоати Навобод, шаҳри Ҳисор | | | | |
| **Давраи мониторинг аз** 01 **то** 20 феврали **соли** 2021 | | | | |
| **Тасвири предметҳои мониторинг** | **Пурра мувофиқат мекунад** | **Қисман мувофиқат мекунад** | **Мувофиқат намекунад** | **Эзоҳ** |
| Хариди масолеҳи сохтмонӣ тибқи риояи тамоми қоидаҳои хариди давлатӣ | | | | |
| Маводҳо тибқи сметаи тасдиқшуда харидорӣ карда шуданд | | | | |
| Нархҳои харид ба сифати маводҳои харидорӣ шуда мувофиқат менамоянд | | | | |
| Нархҳои хариди маводҳо ба нархҳои бозорӣ мувофиқат менамоянд | | | | |
| Тамоми харидҳо ҳуҷҷати тасдиқот доранд | | | | |
| Корҳои таъмирӣ тибқи нақша амалӣ шуда истодаанд, бо риояи муҳлат ва бе ягон мушкилот | | | | |
| Барои корҳои таъмирӣ мутахассисон ва устоҳои мувофиқ ҷалб шудаанд | | | | |
| Иштироки аъзоёни ҷамоат | | | | |
| Иштироки мақомоти давлатии худидоракунӣ | | | | |
| Ҳисаи маблағгузорие, ки аз ҷониби ҷамоат пешбинӣ шудааст пурра ҷудо карда шудааст | | | | |
| Ҳисаи маблағгузорие, ки аз ҷониби мақомоти давлатии марказӣ пешбинӣ шудааст пурра ҷудо карда шудааст | | | | |
| Таърихи рӯз: Ному насаби коршинос: Имзо: | | | | |

Аз таҳлили ҷадвали 11 бар меояд, ки мониторинг бояд вазъи воқеъии истифодаи мақсадноки маблағҳо ва захираҳои корхонаро арзёбӣ намояд. Баҳодиҳӣ бошад бештар пешравиҳое, ки дар доираи иҷроиши вазифаҳои асосии лоиҳа ба даст даровварда мешаванд муайян мекунад.

Дар умум баҳодиҳӣ бештар дар асоси арзёбии оқибатҳо ва таъсирҳои ниҳоии лоиҳа гузаронида мешавад, мониторинг бошад – арзёбии натиҷаҳои иҷроиши вазифаҳои алоҳидаи лоиҳа. Дар ҳолате, ки низоми мониторинг дуруст кор накунад, баҳодиҳӣ метавонад масъалаҳои самту фаъолияти лоиҳа ва натиҷаҳои

онро дар бар гирад. Вале бояд донист, ки мониторинг фундаменти баҳодиҳӣ мебошад.

Чи тавре, ки дар боло зикр намудем, МваБ барои зерҳисобияти иҷрои қарорҳои мақомотҳои давлатӣ ва баланд бардоштани самараи он равона карда мешавад. Сифати ташкил ва баргузории МваБ аз намуди лоиҳа, дараҷаи ихтисосмандӣ, малакаҳои тахассусии коршинос вобастагии калон дорад. Ҷонибҳои манфиатдор қувваи пешбарандаи МваБ ба ҳисоб рафта омили таъмини утсувории он мебошад.

**Омодасозии ҳисоботҳои МваБ**

Омодакунии ҳисоботи МваБ баяке аз марҳилаҳои муҳими раванди МваБ дохил мешавад, аз баски оид ба тамоми дастовардҳои кори иҷрошуда иттилоот медиҳад. Ҳисоботи мониторинг ба гурӯҳҳои манфиатдор дастрас мешавад аз сабаби ин ҳисобот бояд на танҳо маълумоти техникӣ оид ба пасту баландшавии тағйирёбандаҳо балки бо забони суфта ва оммафаҳм вазъи воқеъиро бояд инъикос намояд.

Яке аз хусусиятҳои асосии омодакунии ҳисоботи мониторинг аз он иборат аст, ки одатан ҳисобот дар шакли ҷадвал пешниҳод мегардад, ки тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии иҷроиши лоиҳаро дар бар мегирад. Ҷадвали зерин асосан барои пайгирии нишондиҳандаҳои микдории лоиҳа истифода бурда мешавад. Давраи ҷамъоварии иттилоот метавонад ҳармоҳа ё семоҳа бошад.

Ҷадвали ҳисоботии МваБ вазъи иҷроиши нишондиҳандаҳои асосии лоиҳа, мавҷудияти тафовут байни нишондиҳандаҳо воқеъӣ ва нақшавӣ пешниҳод намуда имконияти қабули қарорҳои идоракуниро фароҳам меорад.

Дар умум дар ҳолати ташкили МваБ аз рӯи як чанд нишондиҳандаҳои лоиҳа, ҳисоботи мониторинг масъалаҳои рафти иҷроиши лоиҳа, пешравӣ, дастовардҳо ва мушкилотҳои лоиҳа, ки дар давраи мониторинг ба қайд гирифта шудаанд бояд инъикос намояд. Ҳисоботҳои МваБ бояд мухтасар дорои хулосаҳо ва тавсияҳо баҳри беҳтарсозии инкишофи лоиҳа бошанд.

Шакли намунавии ҳисоботи мониторинг дар ҷадвали 12 оварда шудааст.

**Ҷадвали 11**

**Шакли намунавии ҳисоботи мониторинг**

| | |
|---|---|
| Номи лоиҳа | |
| Мӯҳлати амалишавии лоиҳа | |
| Давраи баргузории мониторинг | |
| Таърихи рӯзи баргузории мониторинг | |
| Мақсад / саволҳои асосии мониторинг | |
| Натиҷаи интизорӣ ва нишондиҳанда (индикатор) тибқи матритсаи мантиқӣ ва нақшаи мониторинг | |
| Усулҳои ва иштирокчиёни мониторинг | |
| 1. Маълумоти асосӣ<br>(чорабиниҳои асосие, ки дар давраи МваБ гузаронида шудаанд, макони ташриф, маълумот дар бораи иштирокчиёни МваБ: шумора, ҷинс, сину сол ва ҳоказоҳо)<br>2. Маълумоти ба даст оварда шуда<br>(барои ҳар як нишондиҳанда, таҳлили натиҷаҳои мониторинг, пурсишҳо, фокус-гурӯҳҳо ва ҳоказоҳо)<br>3. Хулосаю тавсияҳо, ки бояд нишон диҳад оё фаъолияти лоиҳа ба мақсади хеш равона шудааст ё на, чигуна тафовутҳо мавҷуданд, сабаби пайдоиши он дар чист ва чӣ тавр метавон онро бартараф сохт. | |

| |
|---|
| 4. Замимаҳо (пурсишномаҳои пур карда шуда, анкетаҳо, рӯйхати респондентҳо ва ҳоказоҳо). |

**Шакли омодакунии ҳисоботи баҳодиҳӣ** ба ҳисоботи мониторинг наздик аст вале дорои хусусиятҳои хоси худ буда аз қисмҳои зерин иборат мебошад:[27]

• ***Қисми муқаддимавӣ*** – шарҳи мухтасари лоиҳа, мақсад ва вазифаҳои баҳодиҳӣ, методологияи баҳодиҳӣ, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо оид ба қисм.

• ***Қисми асосии ҳисобот*** – натиҷаҳои ҷамъ, коркард ва таҳлили ахборот аз рӯи нишондиҳандаҳои алоҳида (баҳодиҳии натиҷагирӣ, самаранокӣ, мувофиқат ва устувории лоиҳа). Барои тасвири маълумотҳои ба даст даровардашуда асосан ҷадвалҳои маҷмуъӣ, матритсаҳо, нақшаҳо, диаграммаҳо, харитаҳо ва дигар воситаҳои визуалие, ки тамоюл ва хулосаҳои асосиро тасвир менамоянд, истифода бурда мешавад. Дар қисми зерин таҳлил ва маълумотҳои пешниҳодшуда ҳолати умумии амалишавии лоиҳа, пешравӣ ва камбудиҳои онро тасвир менамоянд.

• ***Хулосаҳо оид ба маҳакҳои алоҳидаи баҳодиҳӣ*** – хулосаҳо аз рӯи ҳар маҳаки алоҳидае, ки дар баҳодиҳӣ истифода мешуд бояд пешниҳод шавад, ва ба натиҷаҳои таҳлили қисм асосии ҳисобот бояд мувофиқат намояд. Бо ибораи дигар хулосаҳои баҳодиҳӣ бояд асоснок бошанд ва ба маълумотҳое, ки дар қисми асосии ҳисобот оварда шудаанд бояд мувофиқат намоянд.

• **Тавсияҳо** тибқи маҳакҳои алоҳида – барои ба анҷом расонидани таҳлил бояд факту рақамҳоро таҳлил намуда хулосаҳо ва натиҷаҳоро муайян кардан лозим аст, ки ба фаъолитяи ояндаи лоиҳа ва коркарди тавсияҳо мусоидат менамояд. Ҳамчунин барҳе аз фармоишгарон талаб менамоянд, ки тавсияҳо тибқи гурӯҳбандии истифодабарандагон пешниҳод карда шавад, масъалан тавсияҳои алоҳида барои кормандони лоиҳа, донорҳо, дигар гурӯҳҳои манфиатдор ва ҳ. Тавсияҳо бояд мушаххас бошанд, ки дар натиҷаи онҳо ташкилот тавонад нақшаи амалҳоро баҳри тадбиқи тавсияҳо, бартарафсозии камбудиҳои лоиҳа ва таъмини инкишофи устувории он таҳия ва тадбиқ намояд.

Набояд фаромуш кард, ки ҳисоботи ҷамъбастӣ ҳатман бо донорҳо, роҳбарияти лоиҳа, ва ҳамчунин иҷрокунандагони асосии лоиҳа, ки қароҳои идоракуниро қабул менамоянд, бояд муҳокима карда шавад.

Дар охир қадамҳои асосии ташкили низоми МваБ барои коршиносон пешниҳод менамоем. Умед дорем, ки ҷадвали зерин пайдарҳамии дурусти таҳияи низоми МваБро нишон дода фаъолияти коршиносро дар соҳаи мониторинг ва баҳодиҳии лоиҳаҳо осонтар мегардонад (ҷадвали 12).

[27] Руководство по мониторингу и оценке (МиО) проектов/программ. Международная федерация обществ Красного Креста и Красного Полумесяца. – Женева, 2011. – с. 71-80.

**Ҷадвали 12.**

**Қадамҳо барои ташкили низоми МваБ**

| Қадамҳо | Амалҳо |
|---|---|
| **Марҳилаи 1. Омодашавӣ ба МваБ** | |
| Қадами 1. | Матритсаи мантиқиро омода намоед |
| Қадами 2. | Нақшаи мониторинг ва баҳодиҳиро пур кунед |
| Қадами 3. | Ҷадвали маълумоти базавиро пур кунед |
| Қадами 4. | Тибқи сарчашмаҳои иттилоотии лоиҳа семинарро барои кормандони худ гузаронед ва муайян кунед, чигуна шаклҳо, рӯйхатҳо, ҳисоботҳо тими лоиҳа дар ҷойҳои худ бояд омода кунад. Муайян кунед, кӣ ҳуҷҷатҳои аввалинро ҷамъ менамояд. |
| **Марҳилаи 2. Баргузории МваБ** | |
| Қадами 5. | Нишондиҳандаҳо (индикаторҳо)-и мониторингро муайян кунед |
| Қадами 6. | Усулҳои мониторинг ва сарҷашмаҳои иттилоотро муайян кунед |
| Қадами 7. | Интихоби респондентҳоро муайян кунед |
| Қадами 8. | Воситаҳои ҷамъоварии иттилоот тибқи усулҳои интихобшударо муайян кунед (саволҳо, анкетаҳо, варақаҳои тафтишот) |
| Қадами 9. | Ташрифи объекти мониторинг ва ҷамъоварии иттилоот |
| Қадами 10. | Таҳлили иттилоот. Ҷадвали пайгирии индикаторҳоро истифода баред |
| Қадами 11. | Омодасозии ҳисобот, пешниҳоди натиҷаҳои мониторинг |
| **Марҳилаи 3. Баргузории баҳодиҳӣ** | |
| Қадами 12. | Мақсад, вазифаҳои баҳогузориро муайян кунед, супориши техникиро таҳия созед |
| Қадами 13. | Гурӯҳи кориро интихоб кунед |
| Қадами 14. | Супориши техникӣ, усулҳои баҳодиҳӣ ва интихоби респондентҳоро бо гурӯҳи корӣ мувофиқа намоед |
| Қадами 15. | Ҳуҷҷатҳои асосии лоиҳаро барои омӯзиш ба гурӯҳи корӣ пешниҳод намоед |
| Қадами 16. | Ташкили вохуриҳо, интервюи гурӯҳи корӣ бо респондентҳо |
| Қадами 17. | Таҳия ва муҳокимаи шакли сиёҳнависи ҳисоботи баҳодиҳӣ, тавсияҳо, ташкили иртиботи дуҷониба. |
| Қадами 18. | Қабули ҳисоботи ҷамъбастӣ, нашр, тақсимоти ҳисобот байни ҷонибҳои манфиатдор ва аҳолӣ. |

## 2.6. Аудити иҷтимоӣ ҳамчун воситаи ҷалби аҳолӣ ба мониторинги барномаҳои давлатӣ

Аудити иҷтимоӣ чун истилоҳ ҳануз дар солҳои панҷоҳуми асри гузашта истифода мешуд. Дар солҳои охир таваҷҷӯҳи бештар ба аудити иҷтимоӣ ба назар мерасад.

Аудити иҷтимоӣ бар принсипе асос меёбад, ки тибқи он идоракунии маҳаллии демократӣ бояд бо дарк ва ризояти (ба қадри имкон) тамоми ҷонибҳои манфиатдор ҳадде ки имкон ҳаст сурат гирад. Ҳамин тариқ, ин ҷараён аст, на ҳодиса.

Аудити иҷтимоӣ воситаи андозагирӣ, фаҳмиш, ҳисоботдиҳӣ ва дар ниҳояти кор, беҳтарсозии нишондиҳандаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии ташкилот аст. Аудити иҷтимоӣ барои коҳиши фосила миёни дид/ҳадаф ва воқеъият, миёни самаранокӣ ва натиҷагирӣ мусоидат менамояд. Аудити иҷтимоӣ методикаи дарк, андозагирӣ, ҳисоботдиҳӣ, тафтиш ва баланд бардоштани натиҷагирии иҷтимоии ташкилот

аст. Ба идоракунӣ таъсиргузор аст. Он ба овози ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла қишрҳои осебпазир, ки овозашон кам шунида мешавад, арҷ мегузорад.

Аудити иҷтимоӣ ба хотири тақвияти идоракунии маҳаллӣ, аз ҷумла барои таҳкими ҳисоботдиҳӣ ва шаффофият дар мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ роҳандозӣ мешавад.

Фарқияти асосӣ байни аудити иҷтимоӣ ва аудити масъалаҳои рушд аз он иборат аст, ки аудити иҷтимоӣ ба масоили фаромушшудаи оқибатҳои иҷтимоӣ тамаркуз мекунад, дар ҳоле ки аудити масоили рушд дорои тамаркузи васеътар аст ва масъалаҳои муҳити зист ва иқтисодиро ҳам, ба монанди самарнокии лоиҳаҳо ва барномаҳо, фаро мегирад.

Ҳадафҳои асосии аудити иҷтимоӣ аз инҳо иборатанд:

- арзёбии тафовути моддӣ ва молиявӣ миёни эҳтиёҷот ва захираҳои барои рушди маҳаллӣ дастрас;
- бунёди огоҳӣ миёни манфиатбарандагон ва таъминотчиёни хизматрасониҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоии маҳаллӣ;
- афзоиши самаранокӣ ва натиҷагирии барномаҳои рушди маҳаллӣ;
- таҳлили бодиққати қарорҳои сиёсии мухталиф бодарназардошти манфиатҳо ва афзалиятҳои ҷонибҳо ва хусусан табақаҳои осебпазири деҳот;
- арзёбии масрафҳои алтернативии ҷонибҳои манфиатдоре, ки сариваќт дастрасӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ надоранд.

Аудити иҷтимоӣ:

1. барои омӯзиши роҳ ва усулҳои банақшагирии буҷетро ба ҷомеа мусоидат менамояд;
2. демократияи маҳаллиро ривоҷ медиҳад;
3. иштироки ҷамоаро тарғиб мекунад;
4. ба аҳолии камбизоат нафъ меорад;
5. барои қабули муштараки қарорҳо ва тақсими салоҳиятҳо мусоидат мекунад;
6. сармояи иҷтимоӣ ва башариро (инсониро) афзоиш медиҳад.

Шартҳои асосии ташкили аудити иҷтимоӣ:

- дарёфти шарҳ аз агентиҳои иҷроия дар мавриди тамоми қарорҳои қабулшуда, нақшаҳо, фаъолиятҳо, даромаду хароҷот, ки ин агентиҳо анҷом додаанд ;
- ба назар гирифтан ва бодиққат омухтани нақшаҳои кор ва фаъолияти маҳаллии ин агентиҳо;
- дастрасӣ ёфтан ба сабту санадҳое, ки ба чорабиниҳо оид ба рушд рабт доранд ва аз ҷониби агентиҳои тадбиққунанда ё дигар депортаментҳои давлатӣ қабул мешаванд;
- тамоми ҳуҷҷатҳои марбут ба тақсими маблағҳои буҷетӣ, номгуйи дарёфткунандагон, изҳороти умумӣ, суратҳисобҳо, расидҳо ва ҳисобу китобҳо ва ғайра. бояд барои муроқабати ҷомеа дастрас бошанд;
- тамоми дархостҳо барои иҷозатномагирӣ, ки мақомоти худидоракунии маҳаллӣ додааст, бояд рақами тартибӣ дошта бошанд. Сабти аснод, ки таърихи додани ва бастани дархостро ҳар ҳолати алоҳидаро нишон медиҳад, бояд барои ҳар як хоҳишманд дастрас бошад. Агар имкон бошад, нусхаҳо бояд дар дастрасии озод қарор бигиранд.
- Арзёбии ҷамъиятии андозҳое, ки аз пардохт озоданд.

Қоидаи асосии аудити иҷтимоӣ ноил шудан ба беҳтарсозии доимӣ нисбат ба ҳадафҳои иҷтимоии интихобшуда аст.

Ҳашт принсипи асосии аудити иҷтимоӣро бояд фарқ намуд:

1. аудити иҷтимоӣ овозҳои бисёрро инъикос мекунад: талош барои инъикоси афкори тамоми он одамон (шахсони манфиатдор), ки ба созмон ё ба бахшҳо/ барномаҳо ҷалб шудаанд;
2. маҷоли васеъ: аудити иҷтимоӣ дар мавриди тамоми ҷанбаҳои кори созмонҳо ё истеҳсолот иттилоот пешниҳод менамояд;
3. ҷалби тамоми ҷонибҳо: иштироки тамомоми ҷонибҳои манфиатдорро ташвиқ мекунад ва ба арзишҳояшон арҷ мегузорад;
4. гуногунсамт аст: ҷонибҳои манфиатдор оид ба ҷанбаҳои бисёре тавофуқ ва аксуламал нишон медиҳанд;
5. интизом: ба сохтани суратҳисобҳои иҷтимоӣ ба таври доимӣ равона шудааст, то ки бо фарогирии тамоми фаъолиятҳо, консепсия ва таҷриба асоси фарҳанги созмон бошанд;
6. муқоиса: равишеро таъмин мекунад, ки созмон тавассути истифодабарӣ аз он метавонад ҳар сол натиҷанокии кори худро бо меъёрҳо ё нишондиҳандаҳои берунии дахлдор муқоиса кунад. Ҳамчунин муқоисаро байни созмонҳое, ки фаъолиятҳо мушобеҳ доранд ё шакли ҳисоботдиҳии монанд доранд, пешбиниӣ менамояд.
7. тафтиш: тафтиши суратҳисобҳои иҷтимоиро аз ҷониби шахси муносиб, бо таҷриба ё агентие ки манфиатдор нест, таъмин менамояд;
8. оммавигардонӣ: кушодан ва оммавӣ гардонидани иттилоотро ба ҷонибҳои манфиатдор ва омма ба мақсади ҳисоботпазирӣ ва шаффофият таъмин менамояд.

Шаш қадами калидӣ барои иҷро намудани аудити иҷтимоӣ:

1. Корҳои омодашавӣ.
2. Муайян намудани сарҳадҳои аудит ва ҷонибҳои манфиатдор.
3. Ҳисоботпазирии (зерҳисобият) иҷтимоӣ ва муҳосиба.
4. Омодасозӣ ва истифодаи ҳисобҳои иҷтимоӣ.
5. Аудити иҷтимоӣ ва интишори маълумот.
6. Аксуламали тарафҳо ва ниҳодинашавии аудити иҷтимоӣ.

Ду қадами аввал муҳиманд, вақте муассиса тасмим ворид намудани ҳисоботи аудит, аудити ҳисобдорӣ ва аудити иҷтиморо мегирад. Ба ташкилот зарур аст, ба консепсияҳо, ҳадафҳо, таҷриба ва чорабиниҳо барои муайян намудан он қисматҳое назар андозад, ки дар тобеъияти вазифаҳои аудити иҷтимоианд.

Гурӯҳҳои кории хурд ташкил кунед (масалан, иборат аз 7 нафар) ки ҳар кадоме ду рӯз барои сохтани номгуйи диди иҷтимоӣ, арзишҳои асосӣ, ҳадафҳои иҷтимоӣ, муайян кардани шахсони манфиатдор ва нақши онҳо машғул шавад. Ҳангоми ташкил намудани гурӯҳҳои хурд иштироки мансабдорони мухталифро, бо назардошти намояндагии ҷинсиятҳо таъмин намоед. Ин гурӯҳҳо бояд ба ҳуҷҷатҳои лоиҳаҳо, ҳуҷҷатгузориҳо оид ба раванди корҳо, дастурамалҳо ва қайдҳои департамент дастрасӣ дошта бошанд.

Чорабинии дигар аз тақсими вазифаҳо оид ба муқоисаи фаъолият бо ҳадафҳои иҷтимоӣ ва муайян намудани тафовутҳо иборат аст. Он ҳам метавонад аз тарафи гурӯҳи хурде иҷро шавад, ки аз ҳисоби кадрҳои роҳбарикунанда ва гурӯҳи ҳокимияти иҷроия дар сатҳи маҳал ташкил шудааст.

Тамоми маълумот, аз ҷумла шахсони масъули муаасисаҳо, назорат ва муаяйн намудани сарватҳо, барои таҳия намудани нақшаи аудити иҷтимоӣ омухта

хоҳад шуд. Ин масъулиятро ҳамчунин метавон ба души гурӯҳи хурди иборат аз се нафар ҳам гузошт.

Машварат бо ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла мансабдорони корхонаҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба унвони як форуме барои таҳияи нақшаи аудити иҷтимоӣ мегардад. Ин машваратҳо масълаҳои барои аудити иҷтимоӣ муҳим, нақши шахсони манфиатдор ва ҳамчунин масъулияти онҳоро равшан мекунад

Натиҷаҳои ин машварат дар раванди ҷузъиёти кор: индикаторҳо барои назорат, гузоришҳои истифодашаванда ва ҷамъоварии маълумоти иловагӣ истифода мешаванд. Қадами минбаъдаи муҳим таъин намудани масъулиятҳо барои чорабиниҳои мухталиф аст. Чорабиниҳо иборатанд аз: омодасозии шаклу қолабҳо барои ҳисоботу аудити бухгалтерӣ, ҷамъовари маълумот ва ҳисоботи моҳона мутобиқ ба ҳамон бандҳо (бароистифода дохилӣ). Роҳбари корхона/барнома ин маълумотро метавонад барои назорат ва тақдими аксулами тарафҳо ба хотири самаранокии кор ва бартараф намудани монеаҳо истифода кунад.

Қадамҳо ҳангоми гузаронидани аудити иҷтимоӣ дар мақомоти маҳаллӣ:

- Возеҳияти ҳадафу вазифаҳои мақомоти маҳаллии интихобшуда.
- Муайян намудани шахсони манфиатдор, бо таваҷҷуҳ ба нақши инфиродӣ ва салоҳияташон. Аудити иҷтимои барои риояи ҳуқуқи овози тамоми шахсони манфиатдор мусоидат менамояд хусусан бисёр муҳим аст, ки овози қишрҳои бенаво-осебпазири ҷомеа дар масъалаҳо ва чорабиниҳои рушди маҳал шунида шавад ва онҳо андешаи худашонро оид ба самаранокии воқеии мақомоти интихобшудаи маҳаллӣ дошта бошанд.
- Муайян намудани индикаторҳои натиҷанокие, ки бояд фаҳмо ва қабули ҳамагон бошанд. Маълумот оид ба индикаторҳо бояд шахсони манфиатдор ба таври доимӣ гирдоварӣ намоянд.
- Мулоқоти доимӣ барои шарҳ ва муҳокимаи маълумот/ иттилоот оид ба индикаторҳои натиҷанокӣ.
- Шарҳи минбаъдаи иҷрои натиҷаҳо. Маслиҳати мулоқотҳо оид ба аудити иҷтимоӣ бо шурои маҳаллӣ барои шарҳи фаъолият, чорабинӣ ва андешаҳои шахсони манфиатдор, қабули уҳдадориҳо дар мавриди тағйиротҳо ва мувофақаи фаъолиятҳо дар оянда, чи тавре ки шахсони манфиатдор тавсия медиҳанд.
- Ташкили гурӯҳҳои бовариноки маҳаллӣ, аз ҷумла аз ҳисоби куҳансолон, омӯзгорон ва дигар фаъолони ҷомеа, ки мустақил ва озоданд, барои иштирок дар раванди санҷиш ё муҳокимаи тадбиқи қарорҳое ,ки бар натиҷаҳои аудити иҷтимоӣ асос ёфтаанд .
- Хулосабарории аудити иҷтимоӣ бояд ба тамоми ҷонибҳои манфиатдори маҳал тақдим гардад. Он барои шаффофият ва масъулияти ҳисоботпазири ёрӣ мерасонад. Ҳисоботи аудити иҷтимоӣ барои баррасӣ бояд аз ҷониби шурои деҳот пешниҳод гардад. Илова бар ин, ғайр аз интиқоли шифоҳии маълумот, он бояд дар шакли хаттӣ дар девора ва тахтаи эълонҳо бошад.

Ба омилҳои калидии аудити иҷтимоии муваффақ дохил мешаванд:

- Сатҳи истифодаи муштараки маълумот ва иштироки шахсони манфиатдор, хусусан гурӯҳҳои осебпазир, занон, дигар гурӯҳҳои аз ҷомеа ҷудомонда.

- Уҳдадориҳо, ҷиддият ва масъулияти возеҳ барои назорат аз болои иҷрои кор аз ҷониби аъзои созмон.
- Ҷалби фасилитаторҳои калидӣ дар раванди мазкур.

# САРЧАШМАҲОИ ИТТИЛООТӢ


1. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Январ-Август, 2020. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020.
2. Гусева Е.Г. Мониторинг и оценка проектов. – СПб.: ЦРНО, 2014. – 47 с.
3. Добреньков, В.И. Методология и методика социологического исследования / В.И. Добреньков, А.И. Кравченко. - СПб.: Альма Матер, 2009. - 537 с.
4. Добреньков, В.И. Методология и методика социологического исследования / В.И. Добреньков. - М.: Академ. Проект, 2009. - 537 с.
5. Зарипов Э.Ш., Садиова Д.А. Назарияи умумии омор / Э.Ш. Зарипов, Д.А. Саидова. – Душанбе, 2006. – 236 с.
6. Зарипов Э.Ш., Муродова М.И. Омори иҷтимоӣ-иқтисодӣ / Э.Ш. Зарипов, М.И. Муродова. – Душанбе, 2009. – 259 с.
7. Калдейра Р., Вернер Д. Дорога к эффективности? Руководство по мониторингу. – Transparency International, 2015 – 34 с.
8. Кангро М.В. Методы оценки инвестиционных проектов: учебное пособие. - Ульяновск: УлГТУ, 2011. - 131 с.
9. Ляmперт А.Е. Мониторинг и оценка эффективности стратегий устойчивого развития на местном уровне: информационное пособие. — Минск: ИВЦ Минфина, 2018. — 48 с.
10. Мониторинг и оценка программ и проектов. Практическое пособие/ О.С. Морозова, О.В. Варецкая, Д. Джонс, П. Чикуква, Т.А. Салюк . - К.: Оранта, 2008. - 142 с.
11. Новиков, А.М. Методология научного исследования / А.М. Новиков, Д.А. Новиков. - М.: ЛИБРОКОМ, 2013. - 272 с.
12. Попова К. Что такое мониторинг результативности и зачем он нужен? Вводное методическое пособие для социально-ориентированных НКО. – М., 2013. – 56 с.
13. Портали ягонаи миллӣ оид ба коронавирус (COVID-19). [Захираи иттилоотӣ]. URL: https://www.covid.tj/. (Санаи муроҷиат: 12.12.2020).
14. Руководство по мониторингу и оценке (МиО) проектов/программ. Международная федерация обществ Красного Креста и Красного Полумесяца. – Женева, 2011. – 160 с.
15. Руководство по планированию, мониторингу и оценке результатов развития. Программа развития ООН. – 225 с.
16. Руководство по созданию системы мониторинга и оценки проекта. [Электронный ресурс]. URL: http://cso-central.asia.com
17. Шмидт М., Штрель К. Пособие к учебному курсу “Мониторинг, оценка и доработка местных и региональных стратегий устойчивого развития”. – Дортмунд, 2019. – 93 с.
18. Majone, Evidence, Argument, and Persuasion, 2006.
19. Handbook of public policy analysis: theory, politics, and methods / edited by Frank Fischer, Gerald J. Miller, and Mara S. Sidney, 2007 – 670 p.


**Сарчашмаҳои ташкилотҳои байналмилалӣ:**


20. Ҳаракат оид ба мубориза бо коррупсия (Transparensy International) https://www.transparency.org.
21. Ташаббуси шаффофияти соҳаҳои истихроҷ https://eiti.org.
22. Ташаббуси глобалии додаҳои боз https://okfn.org.
23. Ташаббуси байналмилалии буҷетӣ http://www.internationalbudget.org
24. Институти ҷомеаи кушода Бунёди Мадад Дар Тоҷикистон: http://www.osiaf.tj

Нашри мазкур дар доираи Лоиҳаи “Беҳтар кардани дастрасӣ ба иттилоот дар чахорчубаи шаффофият ва ҳисоботдиҳии равандҳои маблағгузории “Covid-19” бо дастгирии молиявии Шӯъбаи Ташкилоти Байналмилалии Институти “Ҷамъияти Кушода – Бунёди Мадад” дар Тоҷикистон иҷро шудааст.

Ақидаи муаллиф (муаллифон)-и нашр ва мундариҷаи ин маводҳо метавонанд бо ақида ва мулоҳизаҳои Шуъбаи Ташкилоти Байналмилалии Институти “Ҷамъияти Кушода – Бунёди Мадад” дар Тоҷикистон мувофиқат накунанд

Иҷрокунандаи лоиҳаи мазкур ташкилоти ҷамъиятии “Ҷаҳон” мебошад.